**Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон**
**ҚАРОР**

аз 26 ноябри соли 2025 №655

ш.Душанбе

Дар бораи Барнома оид ба муқовимат ба эпидемияи вируси норасоии масунияти одам ва гепатитҳои парентералии вирусӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2026-2030

Мутобиқи моддаҳои 4 ва 12 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи банақшагирии стратегӣ ва дурнамосозии давлатӣ» Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон қ а р о р м е к у н а д:

1. Барнома оид ба муқовимат ба эпидемияи вируси норасоии масунияти одам ва гепатитҳои парентералии вирусӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2026-2030 ва Нақшаи чорабиниҳои амалигардонии Барнома оид ба муқовимат ба эпидемияи вируси норасоии масунияти одам ва гепатитҳои парентералии вирусӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2026-2030 тасдиқ карда шаванд (замимаҳои 1 ва 2).

2. Кумитаи миллии ҳамоҳангсозии мубориза бар зидди бемориҳои пайдошудаи норасоии масуният, сил ва вараҷа дар Ҷумҳурии Тоҷикистон якҷо бо вазорату идораҳои дахлдор ва мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ иҷрои Барномаи мазкур ва Нақшаи чорабиниҳои амалигардонии онро таъмин карда, аз натиҷааш ҳар сол то 1 феврал ба Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон маълумот пешниҳод намояд.

3. Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба иҷрои Барномаи мазкур ва Нақшаи чорабиниҳои амалигардонии он ҳар сол то 1 март ба Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон маълумот пешниҳод намояд.

Раиси
Ҳукумати Ҷумҳурии
Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон

Замима 1
ба қарори Ҳукумати
Ҷумҳурии Тоҷикистон
аз «26» ноябри соли 2025, №655

Барнома
оид ба муқовимат ба эпидемияи вируси норасоии масунияти одам ва гепатитҳои парентералии вирусӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон
барои солҳои 2026-2030

## 1. МУҚАРРАРОТИ УМУМӢ

1. Барнома оид ба муқовимат ба эпидемияи вируси норасоии масунияти одам ва гепатитҳои парентералии вирусӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2026-2030 (минбаъд – Барномаи мазкур) бо мақсади суръатбахши тадбирҳо оид ба пешгирии минбаъдаи паҳншавии ин бемориҳо, паст кардани фавт аз бемории пайдошудаи норасоии масуният, инчунин таъмини дастрасии умумӣ ба хизматрасониҳои босифати пешгирикунанда, табобат ва нигоҳубин, беҳтар намудани саломатӣ ва сифати зиндагии тамоми аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон тартиб дода шудааст.

2. Барномаи мазкур ба афзалиятҳои асосии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон асос ёфтааст, ки дар Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон то соли 2030 ва Стратегияи миллии тандурустии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 инъикос ёфтаанд. Дар он инчунин муқаррароти Ҳадафҳои Рушди Устувор, Эъломияи сиёсии аз ҷониби Ассамблеяи Генералии Созмони Милали Муттаҳид дар соли 2021 қабулшудаи «Бартараф намудани нобаробарӣ ва ноил шудан ба рафъи БПНМ то соли 2030», инчунин стратегияҳои ҷаҳонии бахши тандурустӣ оид ба ВНМО, гепатити вирусӣ ва бемориҳои сироятҳои ҷинсиро барои давраи 2020-2030 ба назар гирифта шудаанд.

3. Барномаи мазкур бо дарназардошти вазъи кунунии эпидемиологии марбут ба вируси норасоии масунияти одам, инчунин дар асоси арзёбии маҷмуии устувории ҷавоби миллӣ ва тадбирҳои минбаъдаи дар харитаи роҳи бо ҳамаи ҷонибҳои манфиатдор мувофиқашуда ҷиҳати ташаккули вокуниши устувор ба ВНМО то соли 2030 таҳия шудааст. Зимни таҳияи Барномаи мазкур вазъи эпидемиологии гепатити вирусӣ, таҳлили сатҳи камбизоатӣ, натиҷаҳои тадқиқоти илмӣ, таҷрибаи кишварҳои ҳамсоя, ҷанбаҳои нобаробарии гендерӣ, зарурати фароҳам овардани фазои мусоиди сармоягузорӣ, имкониятҳои маблағгузории берунӣ ва дохилӣ, истифодаи равишҳои нав дар рушди сармояи инсонӣ ва ҷорӣ намудани навовариҳо дар соҳаи тандурустӣ ба инобат гирифта шуданд. Илова бар ин, ба рафъи нобаробарӣ дар дастрасӣ ба хизматрасониҳои тиббӣ, инчунин ҷалби шарикон ба мониторинг ва арзёбии иҷрои тадбирҳои пешбинишуда диққати махсус дода мешавад.

## 2. МАҚСАД ВА ВАЗИФАҲОИ БАРНОМА

4. Мақсади асосии Барномаи мазкур паст кардани беморшавӣ, паҳншавӣ, фавт ва оқибатҳои манфии вируси норасоии масунияти одам ва гепатитҳои парентералии вирусӣ тавассути такмил додани системаи пешгирӣ, ташхис ва табобат дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад.

5. Вазифаҳои асосии Барномаи мазкур иборатанд аз:

- васеъ намудани фарогирӣ ва ҷорӣ намудани усулҳои инноватсионии пешгирии ВНМО дар байни гурӯҳҳои калидӣ ва осебпазири аҳолӣ, ки ба паст кардани сатҳи паҳншавӣ ва беморшавӣ нигаронида шудаанд.
- пурзӯр намудани тадбирҳо оид ба омодагӣ ба рафъи гузариши ВНМО аз модар ба кӯдак дар доираи системаи ҳифзи модару кӯдак дар Ҷумҳурии Тоҷикистон;
- таъмини ташхиси барвақт ва васеъ намудани ташхиси ВНМО, дастрасии муттасил ба табобати зиддиретровирусӣ ва мониторинги табобат барои ноил шудан ба ҳадафҳои глобалии «95-95-95» то соли 2030;
- таъмини ҳифзи ҳуқуқҳои одамони бо ВНМО зиндагикунанда ва гурӯҳҳои калидии аҳолӣ, инчунин фароҳам овардани шароит барои рафъи тамға ва табъиз марбут ба ВНМО;
- андешидани чораҳои фаврӣ оид ба ташаккули вокуниши устувори миллӣ ба ВНМО то соли 2030 ва дар дурнамои дарозмуддат;
- такмил додани системаи ташхис ва табобати гепатитҳои вирусӣ, аз ҷумла ҷорӣ намудани усулҳои муосири лабораторӣ, таъмини дастрасӣ ба табобати самаранок ва мониторинги табобати беморон.
- таҳкими системаи назорати эпидемиологӣ ва бақайдгирии ҳодисаҳои гепатитҳои вирусӣ бо мақсади баланд бардоштани самаранокии пешгирӣ, ошкорсозии барвақт ва назорати беморшавӣ.

## 3. ТАҲЛИЛИ ВАЗЪИ ЭПИДЕМИОЛОГӢ

### §1. Ҳолати эпидемиологии вируси норасоии масунияти одам дар Ҷумҳурии Тоҷикистон

6. Эпидемияи вируси норасоии масунияти одам дар ҷумҳурӣ дар марҳилаи мутамарказ қарор дорад (паҳншавии вируси норасоии масунияти одам дар байни нашъамадони тазриқӣ 8,9 дарсад, дар байни муҳоҷирони меҳнатӣ 0,7 дарсад ва дар байни ҳамаи шахсони муоинашуда аз 0,12 дарсад зиёд намебошад). Теъдоди умумии мубталоён ба вируси норасоии масунияти одам дар кишвар 17131 нафарро ташкил дода, шумораи воқеии одамони бо вируси норасоии масунияти одам зиндагикунанда 12480 нафарро ташкил медиҳад, дар ҳоле ки тибқи ҳисобҳои таҳлили шумораи тахминии одамони бо вируси норасоии масунияти одам зиндагикунанда 15000 нафарро ташкил медиҳад.

7. Солҳои охир шумораи солонаи ҳолатҳои нав тақрибан дар як сатҳ боқӣ мондааст ва дар маҷмуъ тамоюли коҳиши шумораи ҳолатҳои нав

мушоҳида карда намешавад. Дар соли 2024-ум дар Тоҷикистон 1002 ҳолати нави сироятёбӣ (калонсолон ва кӯдакон) ба қайд гирифта шудааст. Тамоюли устувори афзоиши шумораи гирифторони вируси норасоии масунияти одам бо роҳи алоқаи ҷинсӣ (89 дарсад) мушоҳида мешавад, дар ҳоле ки шумораи ҳодисаҳои гузариши вируси норасоии масунияти одам тариқи парентералӣ (тариқи хун) хеле кам шуда, на бештар аз 8 дарсади шумораи умумии ҳолатҳои навро ташкил медиҳад. Шумораи гирифторони вируси норасоии масунияти одам аз модар ба кӯдак нисбат ба солҳои қаблӣ коҳиш ёфта, 2,5 дарсади шумораи умумии гирифторони бемории навро ташкил медиҳад.

8. Теъдоди умумии гирифторони ВНМО дар Тоҷикистон дар миёни мардон (64 дарсад) нисбат ба занон (36 дарсад) бештар аст, дар ҳоле ки тамоюли афзоиши ҳиссаи занон дар байни ҳолатҳои нави ВНМО дар 10 соли охир ба ҳисоби миёна 6-7 дарсад мушоҳида мешавад. Шахсони синни репродуктивӣ (15-49-сола) 82 дарсад аз шумораи умумии одамони гирифтори вируси норасоии масунияти одам ба қайд гирифташударо ташкил медиҳанд. Ҳолатҳои нави сироятёбии вируси норасоии масунияти одам бештар дар калонсолон (18-сола ва калонтар) - 84,7 дарсад ва қисми бештари онҳо дар синни 30-39-сола - 32,9 дарсад мушоҳида мешавад. Ҷавонони синни 15-17-сола 1,4 дарсади гирифторони вируси норасоии масунияти одамро ташкил медиҳанд.

9. Дар байни нашъамандони тазриқӣ паҳншавии вируси норасоии масунияти одам дар солҳои охир аз 12,9 дарсад дар соли 2014 то 8,9 дарсад дар соли 2022 коҳиш ёфтааст ва шумораи сироятҳои нав дар сохтори умумии ҳолатҳои нав беш аз 6 маротиба аз 23 дарсад дар соли 2014 ба 3,7 дарсад дар соли 2024, ҳамчунин басомади интиқоли роҳи тазриқии вируси норасоии масунияти одам ҳангоми истеъмоли маводи мухаддир тавассути тазриқ коҳиш ёфтааст. Паҳншавии вируси норасоии масунияти одам дар байни шахсони расонандаи хизматҳои шаҳвонӣ низ дар солҳои охир аз 3,5 дарсад дар соли 2014 то 2,9 дарсад дар соли 2022 коҳиш ёфта, ҳиссаи гирифторони вируси норасоии масунияти одам дар байни онҳо аз ҳодисаи нав 2,2 дарсад дар соли 2024 ташкил додааст. Сатҳи паҳншавии вируси норасоии масунияти одам дар байни маҳкумшудагон аз 8,4 дарсад дар соли 2013 то 3,4 дарсад дар соли 2023 коҳиши назаррас мушоҳида шудааст.

10. Тамоюли афзоиши назарраси ҳолатҳои нави гирифторони вируси норасоии масунияти одам дар байни муҳоҷирони меҳнатӣ, ки ба эҳтимоли зиёд берун аз кишвар рух додааст, мушоҳида мешавад. Танҳо дар се соли охир ҳиссаи гирифторони нави вируси норасоии масунияти одам дар байни муҳоҷирони меҳнатӣ аз ҳамаи ҳолатҳои нави ба қайд гирифташуда аз 18,2 дарсад дар соли 2020 то 29,2 дарсад дар соли 2024 афзоиш ёфтааст, ки тақрибан сеяки шумораи умумии гирифторони вируси норасоии масунияти одамро ташкил медиҳад.

11. Аз шумораи умумии шахсони бо вируси норасоии масунияти одам ба қайд гирифташуда 4651 нафар (27,1 дарсад) бо сабабҳои гуногун фавтидаанд. Дар давоми панҷ соли охир фавт аз бемориҳои вобаста ба

БПНМ (ҳама синну сол) ду баробар коҳиш ёфта, аз 4,1 ба 100 000 аҳолӣ дар соли 2020 то 2,1 ба 100 000 аҳолӣ дар соли 2024-ум коҳиш ёфтааст.

12. Солҳои охир фарогирии аҳолӣ ба ташхиси вируси норасоии масунияти одам 1,5 баробар афзуд, ки ин асосан аз ҳисоби васеъ намудани хариди маводди ташхисӣ барои муоинаи занони ҳомила, навхонадорон, муҳоҷирони меҳнатӣ, беморони гирифтори бемории сил, маҳкумшудагон, инчунин васеъ намудани ташхиси намояндагони гурӯҳҳои калидӣ аз ҷониби ташкилотҳои ҷамъиятӣ ва истифодаи усулҳои инноватсионии ташхис ба монанди ташхиси индексӣ, худозмоиш бо истифода аз фармоиш тавассути онлайн платформаҳо ва стратегияҳои шабакаи иҷтимоӣ. Ҳамасола беш аз 12 дарсади аҳолии кишвар аз ташхиси вируси норасоии масунияти одам мегузаранд. Бо вуҷуди ин, дарсади ошкор шудани ҳолатҳои нави вируси норасоии масунияти одам 0,1 дарсад аз шумораи умумии ташхисҳои гузаронидашуда зиёд намебошад, ки ин аз зарурати пурзӯр намудани тадбирҳо оид ба татбиқи стратегияҳои нави фарогирӣ ба ташхиси барвақтӣ ва ошкор намудани ҳолатҳои нави сироятёбӣ шаҳодат медиҳад.

13. Фарогирӣ ба барномаҳои пешгирикунанда дар байни гурӯҳҳои калидӣ 71,7 дарсад дар байни нашъамандони тазриқӣ (шумораи тахминӣ 18,200), 65,5 дарсад дар байни шахсони расонандаи хизматҳои шаҳвонӣ (шумораи тахминӣ 18,444) ва 59,4 дарсад дар байни мардони дорои хатари баланди сироятёбӣ (шумораи тахминӣ 11,956) ташкил медиҳад. Миқдори миёнаи сӯзандоруҳо барои ҳар нашъамади тазриқӣ дар як сол 279 ададро ташкил дод, ки нисбат ба солҳои дигар хеле зиёд аст. Сатҳи рафтори хатарноки тазриқӣ ва ҷинсӣ дар байни гурӯҳҳои калидӣ ба таври назаррас баланд боқӣ мемонад. Сарфи назар аз афзоиши шумораи сайтҳое, ки хизматрасонии терапияи агонистҳои опиоидиро пешниҳод мекунанд, фарогирии ин хизмат дар сатҳи паст боқӣ мемонад (3,3 дарсад аз шумораи тахминӣ).

14. Чорабиниҳои пешгирикунанда дар байни муҳоҷирон ҳам аз ҳисоби буҷети давлатӣ ва ҳам аз ҳисоби маблағҳои шарикон оид ба рушд гузаронида шуда, ба баланд бардоштани сатҳи маълумотнокии муҳоҷирон оид ба пешгирии вируси норасоии масунияти одам ва пешниҳоди машварату ташхиси ихтиёрӣ нигаронида шудааст. Коршиносони тоҷик бо гурӯҳи коршиносони минтақавӣ оид ба муҳоҷират ва тандурустӣ ҷиҳати пешниҳоди хизматрасониҳои пешгирикунанда ва табобат ба муҳоҷирон дар давлати қабулкунанда фаъолона ҳамкорӣ мекунанд. Дар Тоҷикистон алгоритми кумаки фосилавӣ оид ба вируси норасоии масунияти одам ба муҳоҷирон – шаҳрвандони Тоҷикистони дар хориҷа қарордошта қабул шуда, механизми интиқоли доруҳои зиддиретровирусӣ ба муҳоҷирон аз Тоҷикистон ба роҳ монда шудааст. Таваҷҷуҳи махсус бояд ба таъсиси усулҳои систематикӣ нисбат ба муҳоҷироне, ки аз гурӯҳҳои калидии аҳолӣ мебошанд, дода шавад.

15. Мутобиқи натиҷаҳои тадқиқоти миллӣ оид ба сатҳи маълумотнокӣ, рафтор ва чораҳои мубориза бар зидди вируси норасоии

масунияти одам дар байни аҳолии синни 15-49-сола дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамагӣ 14,0 дарсади иштирокчиён ба ҳарду савол оид ба роҳҳои пешгирии сирояти вируси норасоии масунияти одам бо роҳи ҷинсӣ ва тасаввуроти нодурусти асосии интиқоли онро рад кардаанд, ҷавоби дуруст доданд. Тибқи Тадқиқоти тандурустии демографии соли 2023 танҳо 10 дарсади духтарон ва занони 15-24-сола дар бораи пешгирии вируси норасоии масунияти одам дониши амиқ доранд.

16. Занону духтарони ҷавон ба таъсири эпидемияи вируси норасоии масунияти одам бештар осебпазиранд. Тамоюли афзоиши ҳиссаи занон дар байни ҳолатҳои нави сироятёбӣ ба вируси норасоии масунияти одам дар 10 соли охир ба ҳисоби миёна 6-7 дарсад, дар заминаи сатҳи баланди ошкор шудани ҳолатҳои нав дар байни шахсони тамос (17,5 дарсад), ки дар байни онҳо ҳиссаи занон нисбат ба мардон 3,1 баробар зиёд аст, мушоҳида мешавад. Аксари ҳолатҳои сирояти ВНМО дар вақтҳои охир дар байни занон ва ҷавонони 15-24-сола мушоҳида мешавад. Дар зиёда аз 90 дарсади ҳолатҳо занон тавассути алоқаи ҷинсӣ ба вируси норасоии масунияти одам мубтало мешаванд.

17. Таъминоти мувофиқ бо хуни бехатари донорӣ қисми ҷудонашавандаи сиёсати миллии тандурустӣ ва инфрасохтори кишвар мебошад. Тибқи маълумот, дар як соли охир 80 ҳазору 168 намунаи хуни донорӣ барои сирояти вируси норасоии масунияти одам аз ташхис гузаронида шуд, ки дар 8 намунаи он вируси норасоии масунияти одам муайян карда шудааст. Аз соли 2008 то инҷониб дар кишвар ягон ҳолати сирояти вируси норасоии масунияти одам тавассути интиқоли хуни донорӣ ва ҷузъҳои он ба қайд гирифта нашудааст.

18. Дар Тоҷикистон шумори шахсоне, ки барои аввал ба чораҳои пешгирии пеш аз тамос гирифтаанд, дар солҳои охир ба таври назаррас афзоиш ёфта, аз 10 нафар дар соли 2020 то ба 1000 нафар дар соли 2024 расидааст. Шумораи одамоне, ки мунтазам барои қабули чораҳои пешгирии пеш аз тамос муроҷиат мекунанд, дар охири сол 727 нафарро ташкил дод. Пешгирии пеш аз тамос асосан ба намояндагони гурӯҳҳои дорои хавфи баланди сирояти вируси норасоии масунияти одам ва ҷуфтҳои серодискордантӣ дода мешавад.

19. Бино ба маълумоти Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон 98,7 дарсади занони ҳомила ба нигоҳубини пеш аз таваллуд, 93,4 дарсади онҳо аз ташхиси вируси норасоии масунияти одам гузаронида, дар 93,2 дарсади занони мубталои сироят бо доруҳои зиддиретровирусӣ барои коҳиш додани хатари гузариши ин сироят ба кӯдак таъмин мебошанд. Бо вуҷуди ин танҳо 83,5 дарсади занони ҳомила дар марҳилаҳои аввали ҳомиладорӣ (то 12 ҳафта) назорат карда мешаванд. Дар соли 2024 ҳамагӣ 251 нафар занони ҳомила гирифтори вируси норасоии масунияти одам (46 ҳолати нав) ба қайд гирифта шудаанд, ки аз онҳо 245 нафар (97,6 дарсад) хизматрасонии табобат ва пешгирикунандаро гирифтанд. Ба 6 зани ҳомила (панҷ нафари онҳо ҳангоми таваллуд бо сирояти вируси норасоии масунияти одам дарёфт шудаанд) чораҳои пешгирикунандаи сирояти вирус ба кӯдак таъин карда

нашудаанд. Дар панҷ соли охир сатҳи сироятёбӣ дар байни навзодон аз 2,6 дарсад (дар соли 2018) то 1,3 дарсад (дар соли 2023) коҳиш ёфтааст. Аммо фарогирии нопурраи занони ҳомила бо нигоҳубини пеш аз таваллуд ва пешгирии саривақтӣ имкон намедиҳад, ки интиқоли роҳи амудӣ пурра бартараф карда шавад. Ҳамасола тақрибан 25 ҳолати нави вируси норасоии масунияти одам дар кӯдаконе, ки модаронашон дар давраи ҳомиладорӣ аз ташхис гузаронида нашудаанд ва ё чораҳои пешгирикунандаро нагирифтаанд, ба таври ретроспективӣ муайян карда мешавад.

20. Дар айни замон 83,2 дарсади шахсони гирифтори вируси норасоии масунияти одам аз ҳолати мусбӣ будани вируси норасоии масунияти одам огаҳӣ доранд, 90,1 дарсади онҳо бо табобати зиддиретровирусӣ ва 88,9 дарсади табобатгирандагон сарбории вирусии номуайянро доранд, дар байни беморони гирифтори вируси норасоии масунияти одам, ки зиёда аз 6 моҳ ин табобатро мегиранд, 92,6 дарсадро ташкил медиҳад. Дарсади фарогирии кӯдакони то 15-сола ба табобат (98,8 дарсад) нисбат ба калонсолон (97 дарсад), инчунин дарсади сарбории вирусии номуайян дар байни кӯдакон (90 дарсад) дар муқоиса бо калонсолон (88,8 дарсад) зиёдтар мебошад. Ин бо сатҳи баланди риояи табобат дар байни кӯдаконе, ки дар муддати тӯлонӣ ташаккул ёфтааст ва дастгирии пайвастаи волидони онҳо алоқаманд мебошад. Таъмини табобати зиддиретровирусӣ тадриҷан ба системаи кумаки аввалияи тиббию санитарӣ ворид карда мешавад. Дар айни замон дар ҳамаи 15 маркази саломатии шаҳри Душанбе ва 10 ноҳияҳои кишвар хизматрасонии табобатӣ ба роҳ монда шудааст, ки дар онҳо 2049 нафар беморони гирифтори бемории вируси норасоии масунияти одам табобат мегиранд ва дар 95,1 дарсади беморон сарбории вирусии паст арзёбӣ мегардад. Пешбинӣ шудааст, ки дар оянда дар шаҳру ноҳияҳои дигари ҷумҳурӣ хизматрасонии табобат ва нигоҳубин дар муассисаҳои кумаки аввалияи тиббию санитарӣ вусъат дода шавад.

21. Бемории сил яке аз сабабҳои асосии фавти шахсони гирифтори вируси норасоии масунияти одам боқӣ мемонад. Дар соли 2024 ҳамагӣ 18 нафар беморони мубталои вируси норасоии масунияти одам ва бемории сил фавтиданд, ки 8,5 дарсади фавтро дар давоми сол ташкил медиҳад. Солҳои охир дар кишвар тамоюли ошкор кардани ҳолатҳои мубталошавӣ ба вируси норасоии масунияти одам ва бемории сил дар сатҳи аз 70 то 100 ҳолат боқӣ мондааст. Ҳамгироии мутақобилаи хизматрасониҳо оид ба вируси норасоии масунияти одам ва бемории сил хеле босуръат ҷараён дорад. Илова бар ин, пешниҳоди хизматрасонӣ оид ба табобати вируси норасоии масунияти одам ва бемории сил дар асоси «Равзанаи ягона» дар як муассисаи кумаки аввалияи тиббию санитарӣ ҳамчун таҷрибавӣ оғоз меёбад.

22. Дар Тоҷикистон шумораи ҷавонони аз 15 то 24-сола ба 1 миллиону 760 ҳазор нафар расидааст, ки 19,3 дарсади шумораи умумии аҳолии кишварро ташкил медиҳад. Тибқи омор дар маҷмуъ 1095 нафар аз шахсони бо вируси норасоии масунияти одам зиндагикунанда аз 15 то

24- сола мебошанд. Солҳои охир тамоюли афзоиши ҳодисаҳои нав дар ин синну сол мушоҳида мешавад. Чорабиниҳои пешгирикунанда дар байни ҷавонон ба баланд бардоштани сатҳи маълумотнокии ҷавонон оид ба масъалаҳои пешгирии сирояти вируси норасоии масунияти одам ва паст кардани сатҳи рафтори хатарнок нигаронида шудааст. Кумитаи кор бо ҷавонон ва варзиш пайваста як қатор чорабиниҳо ва маъракаҳоро баргузор менамояд, ки ба ҷавонон оид ба роҳҳои интиқол ва чораҳои пешгирикунандаи вируси норасоии масунияти одам маълумот дода мешавад.

23. Дар соҳаи маориф масъалаҳои солимии ҷинсӣ ва репродуктивӣ, пешгирии вируси норасоии масунияти одам ва бемориҳои бо роҳи ҷинсӣ гузаранда тавассути ворид намудани курси тарзи ҳаёти солим ба барномаи таълимии синфҳои болоии мактабҳо ворид карда мешаванд. Дар соли 2024 ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф» дар мавриди гирифтани маълумоти миёнаи ҳатмӣ аз ҷониби тамоми шаҳрвандони кишвар тағйиру иловаҳо ворид карда шуданд: хатми синфи 11 ё таҳсил дар коллеҷ ё техникум баъди хатми синфи 9. Ҳамин тариқ ҳамаи толибилмони ҷавон имкон доранд оид ба тарзи ҳаёти солим, аз ҷумла масъалаҳои марбут ба вируси норасоии масунияти одам маълумот гиранд. Дар баробари ин, таълими барномаи тарзи ҳаёти солим асосан ба соатҳои иловагӣ (интихобӣ) дохил карда мешавад ё дар доираи соатҳои тарбиявӣ гузаронида мешавад, ки барои баланд бардоштани сатҳи маълумотнокии наврасону ҷавонон нокифоя аст. Барномаи такмили ихтисоси омӯзгорон масъалаҳои тарзи ҳаёти солим, аз ҷумла маълумот дар бораи роҳҳои сироят ва чораҳои пешгирии вируси норасоии масунияти одамро дар бар мегирад. Омодагии омӯзгорон барои курси такмили ихтисоси омӯзгорон тағйирот ва тамоюлҳои муосир марбут ба эпидемияи вируси норасоии масунияти одамро дар бар намегирад. Сифати ин чорабиниҳо баҳогузорӣ карда нашудааст ва сатҳи дониши ҷавонон оид ба пешгирии ВНМО паст боқӣ мемонад.

### §2. Ҳолати эпидемиологии гепатитҳои парентералии вирусӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон

24. Гепатитҳои парентералии вирусӣ ҳамчунон мушкилоти шадид боқӣ монда, на танҳо ба низоми тандурустӣ таъсир мерасонад, балки ба рушди иқтисодӣ ва иҷтимоии кишварҳо зарари калон мерасонад. Ташкилоти умумҷаҳонии тандурустӣ (минбаъд - ТУТ) онҳоро дар баробари вируси норасоии масунияти одам, сил ва вараҷа ба қатори бемориҳои аз ҷиҳати иҷтимоӣ муҳим ва хатарнок шомил кардааст. Тибқи маълумоти ТУТ дар саросари ҷаҳон 325 миллион нафар ба гепатитҳои B ва C мубтало мебошанд, ҳамасола 1,4 миллион нафар аз ин сироятҳо мефавтанд ва шумораи гирифторони нав ба 2-3 миллион нафар мерасад. Гепатит боиси марги дуюм пас аз бемории сил буда, паҳншавии он нисбат ба вируси норасоии масунияти одам 9 маротиба зиёдтар аст. Гузашта аз ин, беш аз 98 дарсади оқибатҳои марговар ба шаклҳои

музмин (гепатитҳои B ва C), бахусус сиррозу саратони ҷигар алоқаманд буда, сабаби асосии фавт ташхиси дерина ва сари вақт оғоз накардани табобат боқӣ мемонад.

25. Дар асоси арзёбиҳои ТУТ дар минтақаи аврупоии ТУТ, аз ҷумла дар Тоҷикистон беш аз 15 миллион нафар ба гепатити вирусии B ва беш аз 14 миллион нафар ба гепатити вирусии C мубтало мебошанд, ҳамасола дар ин минтақа беш аз 170 000 нафар аз ин сироятҳо мефавтанд. Паҳншавии бештари гепатити вирусӣ дар минтақаи Аврупо дар кишварҳои Осиёи Марказӣ арзёбӣ мегардад. Тибқи маълумоти коршиносон гепатити музмини B дар беш аз 10 дарсади аҳолӣ ва гепатити музмини C дар беш аз 5 дарсад ба мушоҳида мерасад. Илова бар ин, дар ин минтақа гепатитҳои ҳамрадифи B, C ва Д маъмуланд, ки боиси зуд нобудшавии ҷигар мегардад ва раванди табобатро мушкил мекунад.

26. Сабабҳои асосии сироятёбии гепатитҳои вирусӣ паст будани сатҳи огоҳии мардум аз роҳҳои сироят ва пешгирӣ, истеъмоли маводи муҳаддир тавассути сӯзандоруҳои сироятшуда, истифода набурдани маводди пешгирикунанда ҳангоми алоқаи ҷинсии тасодуфӣ, истифодаи воситаҳои гигиении шахсии дигарон мебошад. Дар муассисаҳои тиббӣ ва соҳаи хизмати маишӣ низ хавфи сироятёбӣ зиёд аст. Аз ин рӯ, зарур аст, ки чораҳои таъмини дастрасӣ ба асбобҳои тиббии яккарата ва таъмизшуда пурзӯр карда шаванд.

27. Тибқи тадқиқоти Маркази назорат ва пешгирии бемориҳо (CDC, Атланта, ИМА), ки якҷо бо Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соли 2010 гузаронида шудааст, маълум гардид, ки 28,9 дарсади ҷавонони 15-24-сола ба гепатити вирусии B мубтало буда, 6,5 дарсади онҳо гирифтори гепатити музмини B мебошанд. Паҳншавии гепатити B бо мурури синну сол зиёд мешавад: дар байни ҷавонони 15-19-сола 20,2 дарсад гирифтори гепатити B буда, шакли музмин дар 4,7 дарсади онҳо мебошад; дар байни аҳолии 20-24-сола сатҳи сироятёбӣ 38,7 дарсад ва ҳиссаи гепатити музмини B 9,2 дарсадро ташкил дод.

28. Тибқи тадқиқоте, ки дар Тоҷикистон солҳои 2008-2015 гузаронида шуданд, паҳншавии маркерҳои гепатити музмини B дар байни занони ҳомила аз 4,5 дарсад то 6,6 дарсад ва дар байни шахсони гирифтори вируси норасоии масунияти одам (синнашон 14-38 сола) ба 22,0 дарсад мерасад. Сатҳи бемории гепатити B дар донорони аввалия аз 4,7 дарсад то 8,7 дарсадро ташкил медиҳад. Дар байни кормандони соҳаи тиб 7,5-10,9 дарсад гирифтори гепатити музмини B мебошанд, ки ин рақам дар байни табибон (14,3 дарсад) нисбат ба кормандони миёнаи тиббӣ (7,2 дарсад) зиёдтар аст. Тадқиқотҳои эпидемиологӣ нишон доданд, ки дар байни беморони гирифтори гепатити музмини B ва карсиномаҳои гепатоселлюлярӣ генотипи HBV/D (94,1 дарсад), дар ҳоле ки HBV/A камтар маъмул аст (5,8 дарсад). Дар беморони гирифтори гепатити C генотипи бештар ошкоршуда HCV/1b (84,6 дарсад), камтар 3a (7,6 дарсад), 2a (5,7 дарсад) ва 2c (1,9 дарсад) мебошад.

29. Паҳншавии гепатити вирусии С дар байни нашъамадони тазриқӣ аз 14,6 дарсад то 40,3 дарсад, дар байни шахсони расонандаи хизматҳои шаҳвонӣ аз 0,8 дарсад то 2,1 дарсад, дар байни маҳкумшудагон 8,9 дарсад ва дар байни муҳоҷирони меҳнатӣ 0,9 дарсад мебошад.

30. Мутобиқи фармоиши Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 21 феврали соли 2015, №161 «Тавсияҳои клиникӣ оид ба нигоҳубини пеш аз таваллуд дар давраи ҳомиладории физиологӣ» муоинаи занони ҳомила, ки зидди гепатити вирусии В ваксина нагирифтаанд, дар давоми 28-30 ҳафтаи ҳомиладорӣ пешбинӣ гардидааст, аммо бо сабаби таҳия ва татбиқ нашудани шакли ҳисоботӣ, таҳлили вазъи паҳншавии гепатити вирусии В дар байни занони ҳомила гузаронида намешавад. Чунин вазъият нисбат ба дигар гурӯҳҳои алоҳида мушоҳида карда мешавад.

31. Мутобиқи меъёрҳои санитарии «Пешгирии гепатитҳои вирусӣ. Талаботи асосӣ оид ба назорати эпидемиологии гепатити вирусӣ (Қоида ва меъёрҳои санитарии (ҚМС) 3.1.016-09)» ташхиси гепатити вирусӣ дар байни нашъамандони тазриқӣ, беморони як қатор беморхонаҳо ва беморони диспансерӣ пешбинӣ карда шудааст. Аммо набудани дастур оид ба назорати эпидемиологии гепатити вирусӣ, инчунин дастур оид ба ташхис, табобат ва пайгирии беморони гирифтори гепатити музмини В/Д ва С, инчунин набудани шаклҳои ҳисоботдиҳӣ оид ба гепатити В, С ва Д таҳлили вазъи гепатити вирусиро душвор мегардонад.

32. Қисми зиёди беморони гирифтори гепатитҳои музмини В ва С дар зери ташхиси «ҳомилон» бақайд гирифта мешаванд, зеро барои иҷрои талаботи ҚМС 3.1. 016-09 оид ба ташхиси пурраи гурӯҳҳои калидӣ, назорат ва таҳлили ташхиси «ҳомилони гепатитҳои вирусӣ», сифати муоинаи диспансерии беморон бо гепатити вирусии музмин, инчунин назорати ҷиҳозонидани озмоишгоҳҳо то ҳол ба дастурамал оид ба пешбурди гепатитҳои парентералии вирусӣ ва назорати эпидемиологӣ ворид нагардидаанд. Дар ҷумҳурӣ системаи ягонаи бақайдгирии гепатити парентералии вирусие, ки ба талаботи муосир ҷавобгӯ бошад, мавҷуд нест.

33. Эмгузаронии навзодон ва кӯдакони синни то 1-сола дар асоси Барномаи миллии маҳви гепатитҳо барои солҳои 2000-2003 ворид гардидааст. Мувофиқи маълумотахборот дар соли 2018 97 дарсади навзодон вояи якуми ваксинаро зидди гепатити В қабул карданд, кӯдаконе, ки се вояи пурраи зидди гепатити В-ро гирифтаанд, 96,5 дарсадро ташкил медиҳанд. Эмгузаронии калонсолон ҳоло дастгирии худро наёфтааст ва ҳатто барои кормандони тиб гаронбаҳо мебошад (50 сомонӣ барои як воя). Агар фарогирии эмгузаронии ҷорӣ васеъ карда навашад, нишондодҳои асосӣ нисбати гепатити вирусӣ то соли 2030 (паҳншавии HBsAg дар байни кӯдакони то 5 сола ≤0.1 дарсад) дастрас нахоҳад шуд. Натиҷаи пешгӯиҳо нишон медиҳад, ки нигоҳдории фарогирии ҷорӣ бо ташхис ва табобати гепатити вирусии В дар солҳои 2020-2030 беморшавӣ ва фавт тақрибан 30 дарсад зиёд хоҳад гашт.

34. Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ташхисҳои зерини озмошгоҳии ГВВ гузаронида мешаванд: ташхиси фаврии ГВВ; серологӣ - HBsAg, AntiHBs, AntiHBcor IgM; реаксияи занҷири полимеразӣ (ПЦР) - сарбории вирусии ГВВ. Барои ташхиси озмоишгоҳии ГВС истифода мешаванд: ташхиси фаврии ГВС; серологӣ - antiHCV; муйянкунии генотипи ГВС; реаксияи занҷири полимеразӣ (ПЦР) - сарбории вирусии ГВС. Барои ташхиси гепатити Д ташхиси серологии antiHDV истифода мешавад. Ҳама ташхисҳо дар асоси тиҷоратӣ анҷом дода мешаванд ва арзиши онҳо аз 3 то 35 доллар мебошад.

35. Дар ҷумҳурӣ барои табобати беморони гастроэнтерологӣ 487 кат ташкил карда шудааст, ки 32 кати он барои кӯдакон пешбинӣ шудааст. Шуъбаҳои гастроэнтерологӣ ба ғайр аз ноҳияҳои Хуросон, Ҷалолиддини Балхӣ ва Абдураҳмони Ҷомӣ дар тамоми шаҳру ноҳияҳо фаъолият доранд. Барои ташхиси фибрози ҷигар (эластометрия) як шахси хусусӣ ба Пажӯҳишгоҳи гастроэнтерология дастгоҳи FibroScan харидорӣ кардааст. Инчунин 6 адад видеоэндоскоп, 42 адад дастгоҳи ултрасадо, 16 адад дастгоҳи ташхиси иммуноферментӣ, 23 адад гастроэндоскоп, 8 адад дастгоҳи ташхиси биохимиявӣ ва 9 адад дастгоҳи ташхиси клиникӣ мавҷуданд.

36. Дар давоми 5-10 соли охир реҷаҳои нави табобат бо ҳабдоруҳои бевоситаи зиддивирусӣ бо нархҳои паст дар бозори ҷаҳонӣ ворид гаштаанд. Ҳабдоруҳои бевоситаи зиддивирусӣ таъсири номатлуби вазнине, ки интерферони пегилатӣ медиҳад, надоранд. Як қисми онҳо ба Руйхати доруҳои асосии ҷумҳурӣ ворид карда шудаанд.

37. Мутаассифона, воридот ва нархгузории дору дар Ҷумҳурии Тоҷикистон тиҷоратӣ мебошад. Нархи доруҳои омехтаи баландсифат барои якмоҳаи табобати гепатити С (HBC) беш аз 1500 сомониро ташкил дода, як курси пурраи табобат (ба истиснои хароҷоти ташхис) аз 450 то 900 доллари америкоиро ташкил медиҳад. Дар баробари ин, дар кишварҳои рӯ ба тараққӣ курси пурраи табобат ба маблағи 180-200 доллари ИМА дастрас аст. Табобати гепатити В (HBV) бо истифода аз тенофовир дар як моҳ аз 300 то 500 сомонӣ ва як курси солонаи табобат (ба истиснои ташхис) 3600-6000 сомонӣ арзиш дорад. Дар кишварҳои рӯ ба тараққӣ арзиши солонаи табобат бо тенофовир ҳамагӣ 48 доллари америкоиро ташкил медиҳад. Илова бар ин, протоколҳои клиникии ташхис ва табобати гепатити вирусии В ва С ба тавсияҳои муосири байналмилалӣ мувофиқат намекунанд.

38. Тибқи арзёбии коршиносон дар кишвар тақрибан 5 ҳазор нафар аз бемории гепатити В ва ҳудуди 2 ҳазор нафар аз бемории гепатити С табобат мегиранд. Пешгӯиҳо нишон медиҳанд, ки дар солҳои 2020-2030 паҳншавии сирояти гепатити В коҳиш меёбад, аммо беморшавӣ ва фавт 30 дарсад афзоиш меёбад. Пешгӯӣ ҳамчунин нишон медиҳад, ки дар сурати нигоҳ доштани сатҳи кунунии ташхис ва табобати гепатити С дар солҳои 2020-2030, паҳншавии гепатити вирусии С ҳамагӣ 1 дарсад коҳиш меёбад, аммо беморшавӣ ва фавт мутаносибан 30 дарсад ва 74 дарсад афзоиш хоҳад ёфт.

## §3. Иҷрои стратегияҳои байналмиллалӣ ва дастовардҳо дар самти вируси норасоии масунияти одам ва гепатитҳои парентералии вирусӣ

39. Тибқи уҳдадориҳо оид ба ноил шудан ба Ҳадафҳои Рушди Устувор 3.3, аз ҷумла то соли 2030 барҳам додани эпидемияи бемории пайдошудаи норасоии масуният Ҷумҳурии Тоҷикистон уҳдадориҳои худро дар доираи стратегияи вокуниши зуд иҷро мекунад, яъне то соли 2025 95 дарсади шахсони мубталои ВНМО мавқеи худро медонанд, 95 дарсади онҳо табобат мегиранд ва 95 дарсади шахсони табобатгиранда дорои сарбории вирусии пастшуда мебошанд.

40. Тоҷикистон дар марҳилаи мутамаркази эпидемияи вируси норасоии масунияти одам дар байни гурӯҳҳои калидии аҳолӣ қарор дорад ва дар солҳои охир тамоюли тадриҷан коҳиш ёфтани паҳншавии вируси норасоии масунияти одам ва ба эътидол омадани эпидемия дар баъзе гурӯҳҳои калидии аҳолӣ мушоҳида мешавад. Паҳншавии вируси норасоии масунияти одам дар байни нашъамандони тазриқӣ дар даҳ соли охир 1,4 баробар ва теъдоди гирифторони нав дар миёни онҳо беш аз ду баробар коҳиш ёфтааст. Паҳншавии вируси норасоии масунияти одам дар байни шахсони расонандаи хизматҳои шаҳвонӣ 1,2 маротиба ва дар байни маҳкумшудагон 2,5 маротиба коҳиш ёфтааст.

41. Фарогирии ташхиси ВНМО ба шарофати истифодаи усулҳои инноватсионӣ беш аз 1,5 маротиба афзоиш ёфтааст, аз ҷумла бо сабаби васенамоии ташхиси фаврӣ, ташхис дар заминаи ҷомеаи гурӯҳҳои калидӣ, худташхис, ташхиси индексӣ, истифодаи стратегияҳои шабакаҳои иҷтимоӣ, инчунин фармоиши онлайн ва интиқоли тестҳо.

42. Амалисозии пешгирии пеш аз сирояти вируси норасоии масунияти одам васеъ карда шуда, шумораи одамоне, ки пешгирии пеш аз сироят мегиранд, дар давоми 5 соли охир қариб 100 баробар афзуд.

43. Дар амалисозии стратегияи байналмилалии «95-95-95» нишондодҳои зерин ба даст оварда шудаанд: 83,2 дарсади шахсони гирифтори вируси норасоии масунияти одам дар бораи мавқеи мусбии худ медонанд, ки 90,1 дарсади онҳо табобати зиддиретровирусӣ мегиранд ва 88,9 дарсади шахсони табобатгиранда дорои сарбории пасти вирусӣ мебошанд. Зиёда аз 95 дарсади нашъамандони тазриқӣ ва 96,2 дарсади шахсони расонандаи хизматҳои шаҳвоние, ки дар қайди диспансерӣ мебошад, табобати зиддиретровирусӣ мегиранд.

44. Дар панҷ соли охир фоизи сироятёбӣ дар байни кӯдаконе, ки аз модарони гирифтори вируси норасоии масунияти одам таваллуд шудаанд, тақрибан ду баробар, аз 2,6 дарсад то 1,3 дарсад коҳиш ёфтааст.

45. Барои муносибгардонии табобат корҳои назаррас анҷом дода шуданд: алгоритми нави ташхис ҷорӣ карда шуд, ки вақти ташхис ва табобатро то 5-7 рӯз коҳиш дод, зиёда аз 97 дарсади беморони калонсол дар баробари принсипи «ташхис ва табобат» вояи муайяни реҷаи маҷмуӣ (TLD) мегиранд, табобати зиддиретровирусӣ дар муассисаҳои кумаки аввалияи тиббию санитарӣ дар 15 марказҳои саломатии шаҳри Душанбе ва 10 ноҳияҳои кишвар ҳамгироӣ карда шуда, пешкаш намудани доруҳои зиддиретровирусӣ ба 6 моҳ ва бештар аз он ба бемороне, ки пайравии

худро ба табобат тасдиқ кардаанд, вобаста ба вазъият ҷорӣ карда шуд, алгоритми нигоҳубини фосилавӣ, аз ҷумла таъмини табобати зиддиретровирусӣ ба шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки мубталои вируси норасоии масунияти одам мебошанд ва дар хориҷи кишвар қарор доранд, аз ҷумла муҳоҷирони меҳнатӣ мебошанд, таҳия ва татбиқ карда шудааст.

46. Маблағгузории давлатӣ барои Барномаи миллӣ оид ба муқовимат ба эпидемияи вируси норасоии масунияти одам дар се соли охир 1,6 баробар афзуда, 36,9 дарсад аз ҳаҷми умумии ин Барномаро ташкил медиҳад, ки нисбат ба соли 2020 ду баробар зиёд мебошад. Соли 2024 аз ҳисоби буҷети давлатӣ аввалин бор хариди доруҳои зиддиретровирусӣ сурат гирифт.

47. Дар кишвар бори нахуст харитаи роҳ ҳамчун чаҳорчӯбаи ягонаи чораҳои таъхирнопазир оид ба таҳкими устувории вокуниши миллӣ ба вируси норасоии масунияти одам ҷиҳати ноил шудан ба ҳадафҳои глобалии решакан кардани бемории пайдошудаи норасоии масунияти то соли 2030 ва минбаъд нигоҳ доштани вокуниши муассир дар дурнамои дарозмуддат таҳия шудааст.

48. Солҳои охир Ҷумҳурии Тоҷикистон ба мисли тамоми кишварҳои ҷаҳон бо як мушкилии нави ҷаҳонӣ – пандемияи COVID-19 рӯ ба рӯ шудааст. Сарфи назар аз таъсири манфии пандемия ба иқтисодиёти кишвар, сарбории аз ҳад зиёд ба системаи тандурустӣ ва соҳаҳои дигари фаъолият, таҷрибаи пандемияи COVID-19 дарсҳои арзишманд дода, рушди равишҳои навро суръат бахшида, ба дастовардҳои муайян дар соҳаи муқовимат бар зидди вируси норасоии масунияти одам мусоидат намуд. Бо шарофати роҳбарияти Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ҳамоҳангсозии дақиқи Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамкории зичи тамоми шарикон ва сафарбар намудани захираҳо, бефосила расонидани табобати зиддиретровирусӣ ва дигар хизматрасониҳо оид ба пешгирии вируси норасоии масунияти одам таъмин гардид. Тоҷикистон ба феҳристи кишварҳое шомил шуд, ки фарогирии беморон ба табобати зиддиретровирусӣ дар шароити пандемияи COVID-19 афзоиш ёфтааст.

49. Солҳои охир ба шарофати ҷорӣ намудани усулҳои муосири ташхис ошкор намудани гепатитҳои вирусии В ва С беҳтар шудааст. Барои пешгирии сирояти дохилибеморхонагӣ системаи тандурустиро зарур аст, ки маблағгузории эмгузаронии зидди гепатити вирусии В дар байни табақаҳои осебпазири аҳолӣ, хариди таҷҳизот барои безараргардонии асбобҳои тиббӣ, захираи таҷҳизоти тиббии бисёркарата ва яккаратаро таъмин намояд, инчунин дастурҳо оид ба пешгирӣ ва мубориза бар зидди гепатити вирусӣ дар муассисаҳои тиббӣ ва ҷамъиятӣ таҳия намояд.

50. Қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон табъизро вобаста ба мавҷудияти вируси норасоии масунияти одам ва содир намудани ҳама гуна амали оммавӣ бо мақсади барангехтани кина ва паҳн кардани муносибати таҳқиромез нисбат ба шахс ё гурӯҳи аҳолӣ аз рӯйи вазъи

воқеӣ ё тахминии шахси гирифтори вируси норасоии масунияти одам манъ мекунад. Соли 2022 дар кишвар Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи баробарӣ ва барҳам додани ҳама шаклҳои табъиз» қабул карда шуд.

51. Дар натиҷаи баҳодиҳии муҳити ҳуқуқӣ дар заминаи вируси норасоии масунияти одам монеаҳои мавҷуда дар қонунгузорӣ ва амалияи татбиқи ҳуқуқ, ки ҳуқуқи шахсони гирифтори вируси норасоии масунияти одам ва гурӯҳҳои калидиро маҳдуд мекунанд, муайян карда шуданд. Мониторинг аз ҷониби ҷомеа оид ба поймол кардани ҳуқуқи инсон дар соҳаи вируси норасоии масунияти одам ба таври мунтазам гузаронида мешавад, аммо на ҳамеша имкони дастрас намудани фикру мулоҳизаҳо оид ба натиҷаҳои амалҳои андешидашуда мавҷуд мебошад.

52. Дар кишвар раванди таҷдиди назари Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон оғоз шуда, дар лоиҳаи шакли нави он пешниҳодҳои марбут ба мушкилоти вируси норасоии масунияти одам, бахусус дар мавриди татбиқи моддаи 125 ин Кодекс ворид шудааст. Қарори Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 декабри соли 2023 «Дар бораи таҷрибаи судӣ оид ба парвандаҳои ҷиноятии марбут ба сироят кардан ба вируси норасоии масунияти одам» бо мақсади татбиқи дуруст ва якхелаи моддаи 125 ва моддаҳои дигари Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон вобаста ба вируси норасоии масунияти одам аҳамияти калон дорад. Дар қарори Суди Олии ба судяҳо ва мақомоти тафтишоти пешакӣ дар бораи моҳият, омилҳои хавфи сироят намудан бо ин вирус, инчунин хусусиятҳои хоси пешбурди таҳқиқ, тафтиши пешакӣ ва баррасии судии парвандаҳои ҷиноятии бо моддаи 125 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинишуда, дастурҳои тавзеҳотии лозима дода шудаанд.

53. Кишвар бо дарки амиқи аҳамияти мубориза бо вируси норасоии масунияти одам ва таъсири манфии он ба ҳаёти иҷтимоӣ ва саломатии ҷомеа, бо иродаи қатъӣ ба шарикони глобалӣ барои аз байн бурдани ҳама гуна шаклҳои тамға ва табъиз, ки бо вируси норасоии масунияти одам алоқамананд, ҳамроҳ шуд. Кишвар тавассути тақвияти қонунгузорӣ, татбиқи барномаҳои миллӣ, мусоидат ба дастрасии баробар ва фарогирии васеъ ба ташхис ва табобат, ба ин ҳадафи олӣ қадам мегузорад. Ин иқдом на танҳо ба беҳбуди ҳаёти шахсони гирифтори ВНМО/БПНМ, балки ба бунёди ҷомеаи солим ва таҳкими низоми тандурустии миллӣ дар маҷмуъ мусоидат хоҳад кард.

## §4. Чолишҳо ва мушкилот

54. Вазъи эпидемиологӣ оид ба паҳншавии вируси норасоии масунияти одам дар ҷумҳурӣ муташанниҷ боқӣ монда, тадриҷан афзоиш меёбад. Шумораи ҳолатҳои нав дар давоми даҳ соли охир бештар аз 3,6 баробар афзуд; тӯли 5 соли охир теъдоди гирифторони нави вируси норасоии масунияти одам тақрибан дар ҳамон сатҳ боқӣ мондааст ва тамоюли коҳиши гирифторони вируси нав ба назар намерасад.

55. Сарфи назар аз коҳишёбии паҳншавии вируси норасоии масунияти одам дар гурӯҳҳои калидӣ (нашъамандони тазрикӣ, шахсони расонандаи хизматҳои шаҳвонӣ, маҳкумшудагон), афзоиши паҳншавӣ дар гурӯҳҳои дигари хавфнок ба мушоҳида мерасад ва дар айни замон дар байни гурӯҳҳои калидии аҳолӣ дар маҷмуъ муътадилшавии вазъи эпидемиологии вируси норасоии масунияти одам ба назар намерасад. Сатҳи баланди хавфҳои марбут ба рафтор дар байни гурӯҳҳои калидӣ ба паҳншавии идомаи вируси норасоии масунияти одам мусоидат мекунад.

56. Зиёда аз сеяки ҳолатҳои нави гирифторӣ ба вируси норасоии масунияти одам дар байни муҳоҷирони меҳнатӣ ошкор шудааст. Тамоюли афзоиши шумораи гирифторони ВНМО дар байни муҳоҷирони меҳнатӣ дар солҳои охир, бо дарназардошти шумораи назарраси муҳоҷирати меҳнатӣ, нигарониро аз муътадилшавии эпидемияи вируси норасоии масунияти одам дар ояндаи наздик ба миён меорад.

57. Дар сохтори ҳолатҳои нав интиқоли ба роҳи ҷинсии вируси норасоии масунияти одам ба таври назаррас бартарӣ дорад, ки ин хатари паҳншавии васеи вируси норасоии масунияти одам мебошад. Дар 10 соли охир тамоюли устувори афзоиши ҳиссаи занон дар байни ҳолатҳои нави сироятёбӣ ба вируси норасоии масунияти одам ба ҳисоби миёна 6-7 дарсад мушоҳида мешавад.

58. Барномаи миллии ВНМО барои солҳои 2021-2025 ҷанбаҳои гендериро ба назар нагирифтааст. Сарфи назар аз робитаи байни зӯроварӣ нисбати занон ва хатари сирояти ВНМО, ҳанӯз ҳам ҳамгироии ҳамаҷонибаи ВНМО ва барномаҳои пешгирии зӯроварӣ вуҷуд надорад. Ин норасоиро дар барномаи нав бояд бартараф кард. Ҳамчунин дар Тоҷикистон скрининги мунтазами беморӣи саратони гарданаки бачадон, аз ҷумла барои занони гирифтори ВНМО ҷорӣ нашудааст ва ташхиси инфиродӣ новобаста аз зиёд будани талабот ба бастаи ройгони хизматрасонӣ шомил карда нашудаст. Кумитаи кор бо занон ва оила мунтазам маъракаҳои иттилоотӣ, аз ҷумла оид ба пешгирии ВНМО миёни занону духтарон мегузаронад.

59. Фарогирии гурӯҳҳои калидӣ аз рӯйи барномаҳои пешгирикунанда ба ҳадафҳои барномавӣ ҷавобгӯ нест ва норасоӣ дар расидан ба ҳадафи фарогирии 95 дарсади хизматрасонӣ то соли 2025 ба ҳисоби миёна тақрибан 30 дарсадро дар тамоми гурӯҳҳои калидӣ ташкил медиҳад. Фарогирии табобати ҷойивазкунандаи опиоидӣ на бештар аз 3 дарсад аз шумораи тахминии нашъамандони тазриқиро ташкил медиҳад.

60. Фоизи ҳолатҳои нави ошкоршудаи вируси норасоии масунияти одам паст боқӣ монда, аз 0,1 дарсад аз шумораи умумии ташхисҳои гузаронидашуда зиёд нест, ки ин аз зарурати истифодаи стратегияҳои нави ташхиси вируси норасоии масунияти одамро шаҳодат медиҳад.

61. Мушкилоти асосии амалисозии васеи пешгирии пеш аз тамос эҷоди талабот дар байни гурӯҳҳои калидии аҳолӣ, пешниҳоди хизматрасониҳои содакардашудаи гуногун ва нигоҳ доштани мизоҷон дар барномаи пешгирии пеш аз тамос дар тамоми давраи рафтори

хатарнок боқӣ мемонад. Инчунин ба рӯйхати гурӯҳҳои мавриди ҳадаф барои пешгирии пеш аз сироят дохил кардани гурӯҳҳои дигари зери хатари сироятёбӣ зарур аст.

62. Ҳарчанд сатҳи сироятёбии кӯдаконе, ки аз модарони гирифтори вируси норасоии масунияти одам таваллуд шудаанд, дар панҷ соли охир тақрибан ду баробар коҳиш ёфтааст, аммо дар кишвар то ҳол ҳадафҳои тасдиқи рафъи гузариши вируси норасоии масунияти одам аз модар ба кӯдак дар заминаи устувор иҷро нашудааст. Мушкилоти асосии ноил шудан ба ин ҳадаф дар айни замон инҳоянд:

- фарогирии нопурраи занони ҳомила бо нигоҳубини пеш аз таваллуд дар марҳилаҳои аввали ҳомиладорӣ (то 12 ҳафта);

- аз ҳисоби буҷети маҳаллӣ харидории нокифояи маводи ташхисӣ барои гузаронидани ташхиси дукаратаи вируси норасоии масунияти одам дар байни ҳамаи занони ҳомила;

- хариди ғайримарказонидашудаи маводи ташхисӣ муносибати универсалии сифати ташхисро таъмин карда наметавонад;

- набудани иқтидори лабораторӣ барои ташхиси барвақтии кӯдакони навзод;

- нарасидани маблағ барои пурра таъмин намудани кӯдакони аз модарони мубталои вируси норасоии масунияти одам таваллудшуда бо маводи ивазкунандаи шири модар.

63. Тоҷикистон то ҳол ба ҳадафҳои Стратегияи глобалии «95-95-95» нарасидааст. Танҳо 83,2 дарсади шахсони мубталои вируси норасоии масунияти одам аз мавқеи мусбии худ огоҳанд, 90,1 дарсади онҳо табобати зиддиретровирусӣ мегиранд ва 88,6 дарсади шахсони табобатгиранда дорои сатҳи пасти сарбории вирусӣ мебошанд.

64. Сабабҳои асосии фавти шахсони мубталои вируси норасоии масунияти одам сироятҳои оппортунистӣ, пеш аз ҳама бемории сил (18,1 дарсад), инчунин муроҷиат ва ташхиси дер - дар 31 дарсади шахсони гирифтори вируси норасоии масунияти одам, ташхис дар марҳилаҳои охири беморӣ гузошта шудааст.

65. Мавҷудияти монеаҳо дар роҳи таҳияи Барномаи муқовимат ба эпидемияи вируси норасоии масунияти одам, аз ҷумла қонунгузорӣ, ки такмилро тақозо мекунад, сатҳи баланди тамға ва табъиз нисбат ба шахсони бо вируси норасоии масунияти одам зиндагикунанда ва гурӯҳҳои калидии аҳолӣ.

66. Тибқи натиҷаҳои як қатор тадқиқот сатҳи маълумотнокии аҳолӣ, аз ҷумла ҷавонону наврасон дар бораи ВНМО паст боқӣ мемонад. Дар доираи Барномаи мазкур Кумитаи дин ва танзими ҷашну маросими назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамасола барои сархатибон ва имомхатибон чорабиниҳо - тренингу семинарҳо, конфронсҳо ва вохӯриҳо баргузор менамояд. Барои иштирокчиёни ин чорабиниҳо маводди иттилоотӣ низ омода ва пешкаш карда мешавад. Илова бар ин, барномаҳои телевизионию радиоӣ оид ба тарзи ҳаёти солим, рафтори бехатар ва пешгирии сироятҳо, аз ҷумла ВНМО мунтазам пахш мешаванд.

67. Тибқи тадқиқоти индекси стигма рад кардани хизматрасонии тиббӣ бинобар натиҷаи мусбӣ будан ба вируси норасоии масунияти одам аз 20 дарсад дар соли 2015 то 3 дарсад дар соли 2021 коҳиш ёфтааст. Ин нишондод дар байни шахсони расонандаи хизматҳои шаҳвонӣ 8,2 дарсад ва нашъамандони тазриқӣ 5,6 дарсад зиёдтар мебошад. Занони бо вируси норасоии масунияти одам зиндагикунанда (95 дарсад) нисбат ба мардон (82 дарсад) бештар ба тамға ва табъиз дучор мешаванд.

68. Ташкилотҳои ҷамъиятӣ ва ҷамоатҳо дар муқовимат бар зидди эпидемияи вируси норасоии масунияти одам нақши муҳим мебозанд, хизматрасониҳо оид ба ташхис ва пешгирикунандаро дар сатҳи ҷомеаҳо мерасонанд. Дар ҷумҳурӣ мониторинг аз ҷониби ҷамоатҳо ҷорӣ карда шудааст.

69. Маблағгузории фаъолияти ташкилотҳои ҷамъиятӣ дар соҳаи ВНМО асосан аз ҳисоби донорҳои байналмилалӣ таъмин карда мешавад. Аз соли 2020 дар Тоҷикистон низоми дархости иҷтимоӣ барои ташкилотҳои ҷамъиятие, ки хизматрасонии иҷтимоиро марбут ба ВНМО мерасонанд, ҷорӣ шудааст, аммо то айни замон танҳо ду ташкилоти ҷамъиятӣ онро дарёфт кардааст. Монеаҳои асосӣ маҳдуд будани маблағгузории буҷетӣ, душвориҳои бюрократӣ ва ҳавасмандии пасти муроҷиат кардан мебошанд, зеро маблағҳо танҳо барои дастгирии шахсони гирифтори ВНМО равона карда мешаванд. Илова бар ин, кам шудани шумораи ташкилотҳои ҷамъиятӣ, ки дар амалишавии барномаҳои ВНМО иштирок мекунанд, мушоҳида мешавад.

70. Тибқи арзёбии охири хароҷоти миллӣ вобаста ба ВНМО ҳиссаи хароҷоти давлатӣ барои муқовимат ба вируси норасоии масунияти одам аз 17,8 дарсад дар соли 2020 то 36,9 дарсад дар соли 2023 беш аз ду баробар афзудааст. Фаъолияти марказҳои мубориза бар зидди ВНМО, харидани маводди ташхисӣ барои занони ҳомила, баъзе гурӯҳҳои аҳолӣ, қисман барои муҳоҷирони меҳнатӣ, харидани маводди ивазкунандаи шири модар барои кӯдакони аз модарони гирифтори вируси норасоии масунияти одам таваллудшуда, инчунин додани кумакпулиҳои давлатӣ ба кӯдакони гирифтори вируси норасоии масунияти одам пурра аз ҷониби буҷети давлат маблағгузорӣ мешавад. Ҳаҷми кумаки иҷтимоии кӯдакон дар солҳои охир 1,6 баробар афзуд. Соли 2024 бори нахуст аз буҷети давлатӣ барои хариди доруҳои зиддиретровирусӣ маблағ 500 000 сомонӣ ҷудо карда шуд.

71. Мисли солҳои пештара қисми зиёди маблағгузории Барномаи мазкур дар Тоҷикистон аз ҷониби шарикон оид ба рушд таъмин карда мешавад: дар соли 2023 ҳиссаи онҳо 61 дарсади хароҷоти умумии амалисозии Барномаи миллиро ташкил дод. Теъдоди чунин донорҳо дар солҳои охир хеле коҳиш ёфтааст ва ҳоло донорони асосӣ Хазинаи Глобалӣ ва Нақшаи фавқулодаи Президенти ИМА, инчунин муассисаҳои СММ, ки кумаки техникӣ мерасонанд, мебошанд. Дар баробари ин Хазинаи Глобалӣ донори ягона барои харид ва таъминоти доруҳои зиддиретровирусӣ, маводди ташхисию пешгирикунанда дар

байни гурӯҳҳои калидии аҳолӣ боқӣ мемонад, ки вобастагии зиёди маблағгузории барномаҳоро аз захираҳои беруна нигоҳ медорад.

72. Ҷумҳурӣ зарурати таъсис ва рушди минбаъдаи платформаи вокуниши устувори миллии дарозмуддат ба вируси норасоии масунияти одам, аз ҷумла афзоиши маблағгузории давлатӣ барои барномаҳои вируси норасоии масунияти одамро эътироф кардааст. Дар робита ба ин, харитаи роҳ таҳия карда шуда, бо тамоми ҷонибҳои манфиатдор ҳамчун чаҳорчӯбаи ягонаи чораҳои таъхирнопазир оид ба таҳкими устувории вокуниши миллӣ ба вируси норасоии масунияти одам бо мақсади ноил шудан ба ҳадафҳои глобалӣ оид ба бартараф намудани бемории пайдошудаи норасоии масуният то соли 2030 ва минбаъд нигоҳ доштани вокуниши муассир дар дурнамои дарозмуддат мувофиқа карда шудааст.

73. Маълумотнокии аҳолӣ ва гурӯҳҳои алоҳидаи осебпазир дар бораи роҳҳои сирояти гепатит (аз ҷумла усулҳои бехатари тазриқӣ ва усулҳои монеаи пешгирии ҳомиладорӣ) нокифоя аст. Дар ҳаёти ҳаррӯза (бо истифода аз ашёи гигиении шахсии дигарон) ва дар баъзе мавридҳо дар муассисаҳои тиббӣ, ки меъёрҳои безараргардонӣ ба таври кофӣ риоя карда намешаванд, хатари сироятёбӣ боқӣ мемонад.

74. Набудани дастрасии универсалӣ ба ташхиси сифатнок (АЗП, ташхиси сарбории вирусӣ, генотипсозӣ) бо нархи дастрас, таҷҳизоти нокифояи озмоишгоҳҳо, бахусус дар минтақаҳо дарёфти саривақтиро душвор сохта, боиси ташхису табобати дер мегардад.

75. Масъалаи эмгузаронӣ бар зидди гепатити В дар байни калонсолон ва гурӯҳҳои хавф ба пуррагӣ ҳал нашудааст, сарфи назар аз он, ки эмгузаронии навзодон ва кӯдакон самаранокии худро исбот кардааст. Тибқи тадқиқот эмгузаронии кӯдакони навзод бар зидди гепатити В дар ҷумҳурӣ ба 97 дарсад фарогирии вояи аввал ва 96,5 дарсад барои курси пурра расидаст, аммо дар байни калонсолон, аз ҷумла гурӯҳҳои осебпазир ва ҳатто кормандони тиб он нархи гарон (50 сомонӣ барои як воя) боқӣ мемонад, ки боиси ҳифзи нокифоя ва идомаи интиқоли сироят мегардад.

76. Нархи баланди доруҳои муосири зиддивирусии мустақим табобатро барои бисёре аз беморон дастнорас мекунад. Мутобиқи арзёбии коршиносон доруҳои босифати омехта барои табобати гепатити С дар Тоҷикистон дар як моҳ беш аз 1500 сомонӣ (150-200 доллари ИМА) ва курси пурра (3-6 моҳ) ба истиснои хароҷоти ташхис 450-900 доллари ИМА арзиш дорад, дар ҳоле ки дар як қатор кишварҳои рӯ ба тараққӣ арзиши табобати курси пурраи гепатити С 180-200 доллари ИМА-ро ташкил медиҳад.

77. Системаи ягонаи мукаммали бақайдгирии ҳамаи шаклҳои гепатити (В, С ва Д) вуҷуд надорад, ки баҳодиҳии самараноки паҳншавӣ ва таҳияи тадбирҳои мақсаднокро мушкил месозад. Шаклҳои ҳамаҷонибаи ҳисоботдиҳӣ ва дастурҳои ташхис, табобат ва назорати эпидемиологӣ татбиқ карда нашудаанд, бинобар ин дар бисёр ҳолатҳо ҳамчун «ҳомилон» ташхис карда мешаванд ва мушкилии таҳлили самаранокии чораҳо боқӣ мемонад.

## 4. САМТҲОИ АФЗАЛИЯТНОК

78. Пурзӯр ва васеъ намудан чораҳои пешгирикунанда, ки муносибати ягонаи комплексии муқовимат бар зидди вируси норасоии масунияти одам ва гепатити вирусии парентералиро пешбинӣ мекунанд, бо мақсади ба таври назаррас коҳиш додани сатҳи сироятёбӣ, таҳкими саломатии аҳолӣ, таъмини дастрасии баробар ба хизматрасониҳои пешгирикунанда, ташхис ва табобат, инчунин тавассути баланд бардоштани маърифатнокии ҷомеа ва аз байн бурдани тамға ва табъиз дар робита бо ин бемориҳо нигаронида шудаанд. Барои расидан ба ин ҳадафҳои олӣ самтҳои афзалиятнок дар Барномаи мазкур муайян гардидаанд, ки иборатанд аз:

**1) васеъкунии фарогирӣ ба пешгирӣ дар байни гурӯҳҳои калидӣ:**

- васеъкунии дастрасии гурӯҳҳои калидӣ ва осебпазир ба маҷмуи хизматрасонии пешгирии ВНМО ва гепатитҳои парентералии вирусӣ бо дарназардошти эҳтиёҷоти онҳо, аз ҷумла дар сатҳи кумаки аввалияи тиббию санитарӣ;
- истифодаи технологияҳои инноватсионии ташхис ва пешгирии вируси норасоии масунияти одам ва гепатити парентералии вирусӣ (худташхис, ташхиси фаврӣ, ташхиси индексӣ, ташхис бо принсипи ҳамсол ба ҳамсол ва ғ.);
- беҳтар намудани сифат ва дастрасии хизматрасонӣ дар байни нашъамандони тазриқӣ, шахсони расонандаи хизматҳои шаҳвонӣ, маҳкумшудагон, мардони дорои хатари баланди сироятёбӣ ва муҳоҷирони меҳнатӣ.
- зиёдшавии шумораи барномаҳои кам кардани зарар (тақсимоти сӯзандоруҳои яккарата, васеъ кардани табобати ҷойивазкунандаи агонистҳо);

**2) омодагӣ ба қатъ намудани интиқоли ВНМО аз модар ба кӯдак:**

- баланд бардоштани фарогирии занони ҳомила бо нигоҳубини пеш аз таваллуд дар марҳилаҳои аввал;
- таъминот бо маводди ташхисӣ ва ташхиси мунтазами занони ҳомила (вируси норасоии масунияти одам, гепатити вирусӣ, оташак);
- таъмини пешгирии интиқоли вируси норасоии масунияти одам ва гепатити парентералии вирусӣ (табобати зиддиретровирусӣ) ва дастрасии кӯдакони аз модарони гирифтори вируси норасоии масунияти одам таваллудшуда ба маводи ивазкунандаи шири модар;

**3) инкишофи пешгирии пеш аз тамос (ППТ) ва баъди тамос (ПБТ):**

- васеъ кардани барномаҳои пешгирии сирояти ВНМО дар байни гурӯҳҳои калидӣ, осебпазир ва ҷуфтҳои сtowardsродискордант;
- баланд бардоштани сатҳи маълумотнокии кормандони соҳаи тиб ва гурӯҳҳои калидӣ оид ба истифодаи пешгирии пас аз тамос;
- баланд бардоштани сатҳи маълумотнокӣ дар бораи зарурати истеъмоли мунтазами доруворӣ ва нигоҳдорӣ дар пешгирӣ;

**4) тақвияти маъракаҳои иттилоотӣ ва корҳои таблиғотӣ:**

- ташаккули рафтори устувор дар байни ҷавонон, наврасон ва оммаи васеи аҳолӣ;

- ҳамгироии минбаъдаи масъалаҳои пешгирии вируси норасоии масунияти одам ва гепатити вирусӣ ба барномаҳои таълимӣ (мактабҳо, коллеҷҳо, донишгоҳу донишкадаҳо);

- дохил намудани ҷанбаҳои гендерӣ ва пешгирии зӯроварӣ ба чорабиниҳои пешгирикунанда ва тарбиявӣ.

79. Такмили озмоиш ва ташхис тавассути ҷорӣ намудани низоми муосири ташхисӣ, васеъ истифода бурдани усулҳои ҳассос ва босуръат ошкор кардани вируси норасоии масунияти одам ва гепатити парентералии вирусӣ, таъмини дастрасии ташхис барои ҳамаи гурӯҳҳои калидӣ ва осебпазири аҳолӣ:

**1) васеъкунии ташхиси саривақтӣ ва дастрасии вируси норасоии масунияти одам:**

- зиёд намудани ташхисҳо дар сатҳи кумаки аввалияи тиббию санитарӣ ва дар байни гурӯҳҳои калидӣ ва осебпазири аҳолӣ;

- истифодаи технологияҳои муосири лабораторӣ (ташхиси фаврӣ, худташхис);

- хариди мутамарказонидашуда ва назорати сифати маводди ташхисии вируси норасоии масунияти одам ва гепатитҳои вирусӣ бо мақсади кам кардани хатари хатогиҳои ташхисӣ;

**2) тақвият додани назорати эпидемиологии вируси норасоии масунияти одам ва гепатитҳои вирусӣ:**

- ташаккули системаи ягонаи бақайдгирии ҳолатҳо ва мониторинг бо таваҷҷуҳ ба гурӯҳҳои калидӣ ва осебпазири аҳолӣ;

- мунтазам гузаронидани тадқиқотҳои рафторию серологӣ дар байни гурӯҳҳои калидӣ ва осебпазири аҳолӣ;

**3) ташкили ташхисҳои муосири гепатитҳои вирусӣ:**

- дастрасии ташхисҳои аксуламали занҷираи полимеразӣ (АЗП) барои сарбории вирусӣ, генотипсозӣ, ташхисҳои серологӣ;

- татбиқи шаклҳои ягонаи ҳисоботдиҳӣ ва дастурамал оид ба ташхис, табобат ва мониторинги беморони гирифтори гепатити В, С ва Д.

80. Таъмини табобати пайваста ва муассир тавассути ташкили системаи устувори мониторинги мунтазам ва таҷдиди протоколҳои табобат бо дастрасӣ ба доруҳои замонавӣ, ки имкон медиҳад табобатро такмил диҳад ва сифати зиндагии беморон беҳтар созад:

**1) васеъкунии дастрасӣ ба табобати зиддиретровирусӣ:**

- ноил шудан ба нишондиҳандаҳои мақсадноки «95-95-95» (95 дарсад мавқеи худро медонанд, 95 дарсади онҳо табобат мегиранд, 95 дарсади онҳое, ки табобат мегиранд, сарбории вирусии пастшуда доранд);

- идомаи амалияи «ташхис ва табобат» (оғози фаврии табобат пас аз муайянкунии ташхис);

- ҳамгироишавии табобати зиддиретровирусӣ ба кумаки аввалияи тиббию санитарӣ (васеъ кардани шумораи марказҳои саломатӣ, додани

доруҳо ба муҳлатҳои дароз, ба муҳоҷирони меҳнатӣ ба таври фосилавӣ интиқол додани доруҳои зиддиретровирусӣ);

2) **беҳтаркунии табобати гепатитҳои вирусӣ (В, С ва Д):**

- таҷдиди назар намудани протоколҳои клиникӣ мувофиқи тавсияҳои муосир (истифодаи васеи доруҳои зиддивирусии мустақим);

- коҳиш додани хароҷоти табобат тавассути сода кардани расмиёти бақайдгирӣ ва хариди доруҳо, гуфтушунид бо истеҳсолкунандагон;

- баланд бардоштани дастрасии ташхис (аз ҷумла арзёбии фиброз, муайян кардани сарбории вирусӣ ва генотипи барангезанда) ва идоракунии ҳамаҷонибаи беморон (машваратҳои гастроэнтеролог, сироятшинос);

3) **пурзӯр намудани тадбирҳо оид ба табобати бемориҳои ҳафрадиф:**

- бемории сил сабаби асосии фавти шахсони бо вируси норасоии масунияти одам зиндагикунанда боқӣ мемонад, бинобар ин ҳамгироии минбаъдаи муассисаҳо (ҳуҷраҳои муштарак, «равзанаи ягона») муҳим аст;

- татбиқи усулҳои саривақтии ошкор ва табобати пешгирикунандаи бемории сил дар байни шахсони бо вируси норасоии масунияти одам зиндагикунанда.

81. Таҳкими низоми тандурустӣ ва ҳамкории байнисоҳавӣ тавассути ҳамгироии захираҳо, рушди захираҳои инсонӣ ва такмили инфрасохтор, инчунин ба роҳ мондани ҳамкории самарабахши соҳаи тандурустӣ, ҳифзи иҷтимоӣ, маориф ва идораи давлатӣ бо мақсади ташкили системаи ягона ва ҳамаҷонибаи хизматрасонӣ ба аҳолӣ:

1) **сафарбаркунӣ ва истифодаи самараноки захираҳо:**

- зиёд намудани ҳиссаи маблағгузории миллӣ дар барномаҳои муқовимат ба эпидемияи вируси норасоии масунияти одам ва гепатитҳои вирусӣ;

- ҷалби сарчашмаҳои сармоягузории иловагӣ (грантҳо, барномаҳои шарикӣ);

- таъмини харид ва тақсимоти оқилонаи маводди ташхисӣ, дору ва маводди зарурӣ;

2) **рушди захираҳои инсонӣ:**

- омӯзиши мунтазами мутахассисон (духтурон, ҳамшираҳои шафқат, кормандони иҷтимоӣ) оид ба усулҳои муосири ташхис, пешгирӣ ва табобат;

- ворид намудани масъалаҳои вируси норасоии масунияти одам ва гепатитҳои вирусӣ ба таҳсилоти асосӣ ва баъдидипломии кормандони соҳаи тиб;

3) **ҳамкории байниидоравӣ ва байнисоҳавӣ:**

- ҳамоҳангсозии кӯшишҳои вазорату кумитаҳои дахлдор дар амалисозии чорабиниҳои Барномаи мазкур;

- ҳамкорӣ бо ташкилотҳои ҷамъиятӣ, шарикон оид ба рушд ва бахши хусусӣ;

4) **рақамикунонӣ ва такмили низоми бақайдгирию ҳисоботдиҳӣ:**

- ташкил ва дастгирии маҳзани ягонаи миллӣ оид ба вируси норасоии масунияти одам ва гепатитҳои парентералии вирусӣ;

- таъмини идоракунии ҳуҷҷатҳои электронӣ барои мониторинг ва арзёбии иҷрои Барномаи мазкур.

82. Ҳифзи ҳуқуқ ва дастгирии иҷтимоию ҳуқуқӣ тавассути амалисозии маҷмуи тадбирҳо, ки ба таъмини дастрасии баробар ба хизматрасониҳои тиббӣ, иҷтимоӣ ва ҳуқуқӣ, рафъи тамға ва табъиз, инчунин ташаккули заминаи муассири меъёрии ҳуқуқӣ оид ба ҳифзи манфиатҳои табақаҳои калидӣ ва осебпазири аҳолӣ нигаронида шудаанд:

**1) ҳифзи ҳуқуқ ва дастгирии иҷтимоии шахсони бо вируси норасоии масунияти одам зиндагикунанда ва гурӯҳҳои калидӣ:**

- мубориза бо тамға ва табъиз дар сатҳи тандурустӣ, мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва ҷомеа;

- такмили қонунгузорӣ бо дарназардошти масъалаҳои гендерӣ, инчунин дар робита ба ғайриҷиноятӣ кардани рафтори гурӯҳҳои калидӣ ва осебпазир;

- ҳамгироии тадбирҳо оид ба муқовимат ба зӯроварии гендерӣ;

- дохил кардани масъалаҳои зӯроварӣ дар асоси гендерӣ ва масъалаҳои баробарӣ ба барномаҳои пешгирии ВНМО;

- таҳияи механизмҳои ҳамкории муассисаҳои тиббӣ ва хадамоти иҷтимоӣ барои кӯмак ба занон ва духтароне, ки мавриди зӯроварӣ қарор доранд;

**2) васеъ намудани нақши ташкилотҳои ҷамъиятӣ:**

- иштироки ташкилотҳои ҷамъиятӣ дар барномаҳои пешгирӣ, ташхис ва дастгирӣ;

- дастгирии лоиҳаҳои «баробар ба баробар», ҷалби намояндагони гурӯҳҳои калидӣ барои васеъ намудани фарогирии хизматрасониҳо.

83. Мониторинг, арзёбӣ ва идоракунии сифат тавассути назорати мунтазам, таҳлили нишондиҳандаҳои калидӣ ва танзими фаврии барномаҳо барои мунтазам баланд бардоштани самаранокӣ ва сифати хизматрасонӣ:

**1) таҳияи нишондиҳандаҳои дақиқ ва системаи пайгирии натиҷаҳо:**

- арзёбии мунтазами амалишавии чорабиниҳои барномавӣ, таҳлили нишондиҳандаҳои бадастомада ва сари вақт тасҳеҳ намудани нақшаҳо;

- тақвияти назорати эпидемиологӣ ва ҳисоботи оморӣ барои сари вақт муайян кардани авҷҳо ва тамоюлҳои нав;

**2) иштироки ҷомеа ва шарикон дар мониторинг:**

- таъмини шаффофияти раванд, ҷалби намояндагони гурӯҳҳои калидӣ ва ташкилотҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ дар арзёбии сифати хизматрасонӣ;

- гузаронидани ҷаласаҳои ҷамъиятӣ ва маъракаҳо барои гирифтани фикру мулоҳизаҳои беморон.

## 5. НАТИҶАҲОИ ЧАШМДОШТИ БАРНОМА

84. **Натиҷаҳои чашмдошти Барномаи мазкур инҳоянд:**

- то соли 2030 шумораи ҳолатҳои нави вируси норасоии масунияти одам ва гепатити вирусии С дар байни ҳар гурӯҳи калидии аҳолӣ ва муҳоҷирони меҳнатӣ на камтар аз 20 дарсад коҳиш ёфтааст;
- дар соли 2030 паҳншавии вируси норасоии масунияти одам ва вируси гепатити С дар байни гурӯҳҳои калидии аҳолӣ аз сатҳи 2025 зиёд намебошад;
- шумораи ҳолатҳои бақайдгирии гепатити парентералии вирусӣ дар як сол аз сатҳи соли 2025 зиёд намебошад;
- то охири соли 2030 дар кишвар ҳадафҳои валидатсионӣ оид ба рафъи интиқоли ВНМО аз модар ба кӯдак (ТУТ) ноил ва нигоҳ дошта шуд: сатҳи беморшавии ВНМО дар кӯдакон дар натиҷаи ПИМК ≤50 ба 100 000 зиндатаваллуд ташкил медиҳад; сатҳи ПИМК ВНМО <2 дарсад (барои кишваре, ки ширмаконӣ надорад) мебошад;
- то соли 2030 талабот ба истифодаи пешгирии пеш аз тамос дар байни намояндагони гурӯҳҳои калидии аҳолӣ ва дар тамос будагон 5 маротиба нисбат ба соли 2025 зиёд шуда, шумораи гирандагони нави ППТ дар давраи ҳисоботӣ мунтазам меафзояд;
- то охири соли 2030 сатҳи дониши ҷавонони 15-24-сола оид ба роҳҳои дурусти сироят ва усулҳои пешгирии вируси норасоии масунияти одам 50 дарсад нисбат ба соли 2020 баланд гардид;
- то охири соли 2030 шумораи муассисаҳои кумаки аввалияи тиббию санитарӣ, ки ташхиси ВНМО мегузаронанд, нисбат ба соли 2025 ба 20 дарсад зиёд шудааст;
- дар соли 2030 таносуби шахсони муайяншуда бо вируси норасоии масунияти одам бо шумораи ибтидоии ҳуҷайраҳои CD4 дар ҳолати бақайдгирӣ <200 ҳуҷайра/мм3 дар муқоиса бо соли 2025 на камтар аз 20 дарсад коҳиш ёфтааст;
- то охири соли 2030 на камтар аз 95 дарсади шахсони гирифтори вируси норасоии масунияти одам мавқеи ВНМО-и худро медонанд, 95 дарсади онҳо табобати зиддиретровирусӣ мегиранд ва 95 дарсади шахсони табобатгиранда дорои сарбории вирусии пастшуда мебошанд;
- то охири соли 2030 шумораи муассисаҳои кумаки аввалияи тиббию санитарие, ки табобати сирояти вируси норасоии масунияти одамро таъмин мекунанд, нисбат ба соли 2025 се баробар зиёд мешавад;
- то охири соли 2030 сатҳи фавт аз бемории пайдошудаи норасоии масуният ва гепатитҳои вирусии парентералӣ нисбат ба соли 2025 ба 20 дарсад камтар мешавад;
- то охири соли 2030 арзиши як курси пурраи табобати гепатитҳои вирусии В ва С 2 маротиба нисбат ба соли 2025 кам карда мешавад;
- то соли 2030 маблағгузории давлатӣ барои барномаҳои муқовимат бо вируси норасоии масунияти одам на камтар аз 50 дарсади маблағи умумии хароҷоти ин барномаро ташкил хоҳад дод;

- дарсади шахсони бо вируси норасоии масунияти одам зиндагикунанда, ки дар бораи рад кардани ёрии тиббӣ, аз ҷумла ёрии дандонпизишкӣ дар давоми 12 моҳи охир хабар додаанд, 30 дарсад кам шудааст;

- ҳиссаи шахсони бо вируси норасоии масунияти одам зиндагикунанда ва намояндагони гурӯҳҳои калидии аҳолӣ, ки дар соҳаи тандурустӣ, маориф, ҳифзи ҳуқуқ ва ҷомеа аз тамға ва табъиз хабар додаанд, 30 дарсад коҳиш ёфт.

## 6. ХАВФҲОИ ЭҲТИМОЛӢ

85. Хавфҳои молиявӣ коҳиши эҳтимолии кумаки байналмилалӣ ва маблағгузории нокифояи давлатиро дар бар мегиранд, ки метавонанд боиси халалдор шудан ба хариди саривақтии маводди ташхисӣ, доруворихо ва лавозимот шаванд.

86. Хавфҳои ташкилӣ аз ҳамоҳангсозии заиф дар байни сохторҳо, рақамикунонии нокифоя ва сарбории баланди шабакаи кумаки аввалияи тиббию санитарӣ, бахусус дар минтақаҳои дурдаст иборат аст. Хатари захираҳои инсонӣ нарасидани мутахассисони соҳибихтисос, ивазшавии зиёди кадрҳо ва маҳдуд будани имкониятҳои омӯзиши касбӣ, ки сифати хизматрасониро паст мекунад, иборат аст.

87. Хавфҳои иҷтимоӣ доғи доимӣ ва табъизи гурӯҳҳои осебпазир, сатҳи пасти огоҳии ҷомеа ва монеаҳои фарҳангии доимӣ дар роҳи истифодаи чораҳои пешгирикунандаро дар бар мегиранд.

88. Хавфҳои ҳуқуқӣ ва сиёсӣ ҷиноӣ шудани рафтори гурӯҳҳои асосӣ, набудани кафолатҳои ҳифзи ҳуқуқӣ ва дастгирии нокифояи сиёсӣ барои ислоҳоти соҳаи тандурустиро дар бар мегиранд.

89. Хавфи эпидемиологӣ афзоиши муқовимат ба маводи доруворӣ, эпидемияҳои мувозӣ ва суръати баланди муҳоҷиратро дар бар мегирад, ки назорат ва табобати бемориро мушкил мекунад.

90. Хавфҳои технологӣ ба дастрасии маҳдуд ба усулҳои муосири ташхис ва халалдоршавии эҳтимолии таъминоти логистикии таъминоти таҷҳизоти лабораторӣ ва маводди ташхисӣ марбутанд.

## 7. АМАЛИСОЗИИ БАРНОМА

91. Дар амалисозии Барномаи мазкур се принсипи зерин ба роҳбарӣ гирифта мешавад:

- чаҳорчӯбаи ягонаи амалиёт оид ба вируси норасоии масунияти одам ва гепатитҳои парентералии вирусӣ барои муқовимати миллӣ, ки ҳамаи субъектҳо ва намудҳои фаъолиятро дар дохил ва берун аз соҳаи тандурустӣ муттаҳид менамояд;

- мақоми ягонаи ҳамоҳангсозии миллӣ оид ба муқовимат ба эпидемияи вируси норасоии масунияти одам ва гепатитҳои парентералии вирусӣ таҳти роҳбарии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки ҷалб намудани ташкилотҳои ҷамъиятиро эътироф менамояд;

- системаи ягонаи назорат ва баҳодиҳии иҷрои барномаҳои вокуниш ба вируси норасоии масунияти одам ва гепатитҳои парентералии вирусӣ, таъмини масъулият дар иҷрои Барномаи мазкур.

92. Ташкилотҳои ҷамъиятӣ доираи васеи фаъолиятро мустақиман дар байни баҳрабардорони Барнома иҷро мекунанд, шахсони бо вируси норасоии масунияти одам зиндагикунанда, калидӣ, осебпазир ва гурӯҳҳои дигари аҳолӣ, ки захираҳои инсонӣ, таҷриба ва амалияи худро таъмин мекунанд.

93. Созмони Милали Муттаҳид дар сафарбаркунии захираҳо ва ба даст овардани маблағгузории донорӣ, дар амалисозии барномаҳои дастгирии техникӣ ва коршиносон, инчунин таҷрибаҳои беҳтарини ҷаҳонӣ барои мутобиқ шудан ба шароити ҷумҳурӣ кумак мерасонад. Созмонҳои байналмилалӣ ва донорҳо кумаки молиявӣ ва техникиро дар иҷрои амалҳо дар ҳама сатҳҳо, аз ҷумла эҷоди неруи кадрӣ, таҳқиқот, банақшагирӣ, ҳамоҳангсозӣ, мониторинг ва харид идома хоҳанд дод.

## 8. МОНИТОРИНГ ВА АРЗЁБИИ АМАЛИСОЗИИ БАРНОМА

94. Мониторинг ва арзёбии Барномаи мазкур аз ҷониби Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон гузаронида мешавад. Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон нақшаи мониторинг ва баҳодиҳии Барномаи мазкурро таҳия ва тасдиқ менамояд.

95. Мониторинг ва арзёбии амалишавии Барномаи мазкур тибқи қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 29 декабри соли 2018, №615 «Дар бораи Қоидаҳои гузаронидани мониторинг ва арзёбии амалишавии ҳуҷҷатҳои стратегии сатҳи миллӣ, барномаҳои соҳавӣ ва минтақавии рушд дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» анҷом дода мешавад.

## 9. МАНБАЪҲОИ МАБЛАҒГУЗОРИИ БАРНОМА

96. Хароҷоти маблағ барои амалигардонии Барномаи мазкур ба маблағи 989 094 520 (нуҳсаду ҳаштоду нуҳ миллиону наваду чор ҳазору панҷсаду бист) сомонӣ аз манбаъҳои зерин таъмин карда мешавад:

- маблағҳои буҷетӣ – 395 670 739 (сесаду наваду панҷ миллиону шашсаду ҳафтод ҳазору ҳафсаду сию нуҳ) сомонӣ;
- маблағҳои донорӣ (шарикони рушд ва ташкилотҳои дигари байналмилалӣ) – 554 462 741 (панҷсаду панҷоҳу чор миллиону чорсаду шасту ду ҳазору ҳафсаду чилу як) сомонӣ.
- маблағҳои шахсӣ – 38 961 040 (сию ҳашт миллиону нуҳсаду шасту як ҳазору чил) сомонӣ;

97. Амалисозии Барномаи мазкур аз ҳисоби маблағҳои буҷетӣ дар доираи маблағҳое, ки ҳамасола ба вазорату идораҳои дахлдор ҷудо мешаванд, амалӣ карда мешавад.

## 10. МУҚАРРАРОТИ ХОТИМАВӢ

98. Вазорату идораҳо, мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ва ташкилотҳои давлатии дигар барои иҷрои самараноки Барномаи мазкур масъулият доранд.

99. Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳар сол ба Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба чораҳои иҷрои Барномаи мазкур маълумот пешниҳод менамояд.

Замимаи 2
ба қарори Ҳукумати
Ҷумҳурии Тоҷикистон
аз «26» ноябри соли 2025, №655

# Нақшаи чорабиниҳои амалигардонии
# Барнома оид ба муқовимат ба эпидемияи вируси норасоии масунияти одам ва гепатитҳои парентералии вирусӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2026-2030

| № р/т | Номгӯйи чорабиниҳо | Натиҷаи ниҳоӣ | Мухлати иҷро (солҳо) | Маблағгузории буҷетӣ (сомонӣ) | | | | | Маблағгузории шарикон (сомонӣ) | | | | | Маблағҳои хусусӣ (сомонӣ) | | | | | Иҷрокунандагон |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | | | Соли 2026 | Соли 2027 | Соли 2028 | Соли 2029 | Соли 2030 | Соли 2026 | Соли 2027 | Соли 2028 | Соли 2029 | Соли 2030 | Соли 2026 | Соли 2027 | Соли 2028 | Соли 2029 | Соли 2030 | |
| **1. ЧОРАБИНИҲО ДАР САМТИ ВИРУСИ НОРАСОИИ МАСУНИЯТИ ОДАМ ДАР БАЙНИ ГУРӮҲҲОИ КАЛИДӢ ВА ОСЕБПАЗИРИ АҲОЛӢ** | | | | | | | | | | | | | | | | | | | |
| **§1. ПЕШГИРИИ ВИРУСИ НОРАСОИИ МАСУНИЯТИ ОДАМ ДАР БАЙНИ ГУРӮҲҲОИ КАЛИДӢ ВА ОСЕБПАЗИРИ АҲОЛӢ** | | | | | | | | | | | | | | | | | | | |
| 1 | Беҳтар намудани фаъолияти ташкилотҳои ҷамъиятӣ, нуқтаҳои боварӣ ва ҳуҷраҳои дӯстона оид ба васеъ намудани фарогирии хизматрасониҳои пешгирикунандаи вируси норасоии масунияти одам ба гурӯҳҳои калидӣ ва шарикони ҷинсии онҳо, таълим ва бозомӯзии кормандони ташкилотҳои ҷамъиятӣ, нуқтаҳои боварӣ, ҳуҷраҳои дӯстона ва муассисаҳои ислоҳӣ, аз ҷумла оид ба масъалаҳои машваратдиҳӣ, табобат ва паст намудани зарар аз истеъмоли стимуляторҳо ва моддаҳои нави психоактивӣ | Нуқтаҳои боварӣ ва ҳуҷраҳои дӯстона фаъолияти худро идома медиҳанд | 2026-2030 | 388365 | 388365 | 388365 | 388365 | 388365 | 7378935 | 7378935 | 7378935 | 7378935 | 7378935 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, шарикон оид ба рушд |

| | | | | | | | | | | | | | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| 2 | Харидории сӯзандоруҳо, рифолаҳо, любрикантҳо, ва маводҳои доруворӣ барои тақсимот дар байни гурӯҳҳои калидӣ ва осебпазири аҳолӣ, инчунин харидории метадон, маводҳои масрафӣ ва налоксон барои барномаҳои паст кардани зарар, аз ҷумла дар муассисаҳои ислоҳӣ | Харидории маводди пешгири-кунанда ва масрафӣ анҷом дода мешавад | 2026-2030 | 2441726 | 3466984 | 4514669 | 5594248 | 6693888 | 46392801 | 46061359 | 45648317 | 45262553 | 44797556 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон, мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, шарикон оид ба рушд |
| 3 | Таҳия ва нашри маводди таълимию иттилоотӣ оид ба пешгирии вируси норасоии масунияти одам, ҳифзи ҳуқуқӣ ва ҳуқуқи инсон барои гурӯҳҳои калидӣ ва осебпазири аҳолӣ, аз ҷумла маҳкумшудагон ва муҳоҷирони меҳнатӣ | Маводди таълимию иттилоотӣ ба нашр расонида шуда, сатҳи маълумотнокии гурӯҳҳои калидӣ ва осебпазири аҳолӣ баланд гардид | 2026-2030 | 27642 | 40975 | 55609 | 71544 | 84552 | 525198 | 544385 | 562271 | 578856 | 565848 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон, мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, шарикон оид ба рушд |
| 4 | Вусъати ҳаммаблағгузории давлатӣ барои ташкилотҳои ҷамъиятӣ, ки ба гурӯҳҳои калидии аҳолӣ ва аз маҳбас озодшудагон хизматрасониҳо оид ба вируси норасоии масунияти одам мерасонанд | Ташкилотҳои ҷамъиятӣ аз ҳисоби буҷети давлатӣ ҳаммаб-лағгузорӣ карда мешаванд | 2026-2030 | 846000 | 846000 | 1128000 | 1128000 | 1128000 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон |

| | | | | | | | | | | | | | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| 5 | Вусъат ва муҷаҳҳазгардонии шабакаи нуқтаҳои ҷойивазкунандаи опиоидӣ, дастгирии фаъолияти ҳамаи шабакаҳо, аз ҷумла дар муассисаҳои ислоҳӣ, таълим ва бозомӯзии кормандони соҳаи тиб, ки дар шабакаҳои таҷрибаи пешқадам кор мекунанд, пешниҳоди маҷмӯии хизматрасониҳои ҳамбастаи тиббӣ | Шабакаи нуқтаҳои ҷойивазкунандаи опиоидӣ муҷаҳ-ҳаз гардонида шуда, фаъолияти ҳамаи шабакаҳо беҳтар гардид | 2026-2030 | 141372 | 189000 | 254468 | 297000 | 367565 | 2686053 | 2511000 | 2572957 | 2403000 | 2459860 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, шарикон оид ба рушд |
| 6 | Боздид сиёсати пешниҳоди хизматрасониҳо ба нашъамандони тазриқӣ (табобати ҷойивазкунандаи опиоидӣ, мубодилаи сӯзандоруҳо, табобати шахсони истеъмолкунандаи моводди мухаддири ғайритазриқӣ (МПА) ва ғайра), таҷрибаи бупренорфини тазриқии дароз таъсир, аз ҷумла дар ҷойҳои маҳрум аз озодӣ | Фарогирии нашъамандони тазриқӣ бо табобати иваз-кунандаи опиоидӣ зиёд карда шуд | 2026 | 12616 | 0 | 0 | 0 | 0 | 50466 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон |
| 7 | Таҳия ва воридсозии стандарти расонидани хизматрасониҳо оид ба пешгирии ВНМО ва тарифактсияи онҳо барои намояндагони гурӯҳҳои калидӣ | Стандартҳо ва тарифҳо тасдиқ шуданд | 2027 | 0 | 12616 | 0 | 0 | 0 | 0 | 50466 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон, шарикон оид ба рушд |

| | | | | | | | | | | | | | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| 8 | Боздиди маҷмӯи хизматрасониҳо барои гурӯҳҳои калидии аҳолӣ мувофиқи усулҳои муосир ва ниёзи воқеии ҳар як гурӯҳи калидии аҳолӣ | Маҷмӯи хизмат-расониҳо барои гурӯҳҳои калидии аҳолӣ тасдиқ шудааст | 2026 | 12616 | 0 | 0 | 0 | 0 | 50466 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон, шарикон оид ба рушд |
| 9 | Ҳамгироикунии низоми бетаваққуфи расонидани хизматрасониҳои тиббӣ (Health Service Continuity) ба системаи миллии тандурустӣ, татбиқи ташаббуси Fast Track Cities дар шаҳрҳои Душанбе, Кӯлоб ва Хоруғ | Тавсияҳо барои ҳамгироикунӣ амалигардонии нақшаи шаҳрии 95-95-95 таҳия шудааст | 2026-2027 | 0 | 37849 | 0 | 0 | 0 | 0 | 151397 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон, шарикон оид ба рушд |
| 10 | Таъмини арзёбии мунтазами сифати хизматрасониҳои пешгирикунанда ба гурӯҳҳои калидӣ ва осебпазири аҳолӣ, аз ҷумла арзёбӣ аз ҷониби ҷомеа | Сифати хизматра-сониҳои пешгири-кунанда ба гурӯҳҳои калидӣ ва осебпазири аҳолӣ аз ҷониби ҷомеа мунтазам гузаронида мешавад | 2026-2030 | 14400 | 19440 | 24300 | 30600 | 36000 | 129600 | 142560 | 137700 | 149400 | 144000 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон, шарикон оид ба рушд |
| 11 | Гузаронидани назорати дидбонии эпидемиологӣ дар байни гурӯҳҳои калидӣ, аз ҷумла баҳодиҳии шумораи тахминии онҳо | Баҳодиҳии паҳншавии ВНМО, ГВС ва оташак, инчунин баҳодиҳии шумораи тахминии ГК гузаронида шудааст | 2028 | 0 | 0 | 337673 | 0 | 0 | 0 | 0 | 1350691 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон, шарикон оид ба рушд |

| | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| 12 | Дастгирии фаъолияти ташкилоти ҷамъиятӣ, ки барномаҳои пешгирии сирояти вируси норасоии масунияти одам амалӣ карда, ба собиқ маҳбусон равонасозии иҷтимоӣ мерасонанд | Фаъолияти ташкилоти ҷамъиятӣ дар самти равонасозии иҷтимоӣ собиқ маҳбусон дастгирӣ карда шудааст | 2026-2030 | 28200 | 39480 | 76140 | 93060 | 109980 | 535800 | 524520 | 769860 | 752940 | 736020 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон, шарикон оид ба рушд |
| 13 | Омӯзиши кормандони муассисаҳои ислоҳӣ ва ташкилотҳои ҷамъиятӣ, инунин макумшудагон оид ба пешниҳод ва ташкил намудани хизматрасониҳои пешгирии вируси норасоии масунияти одам, равонасозии иҷтимоӣ, инчунин оид ба асосҳои барномаи коҳиши зарар ва табобати ҷойивазкунандаи опиоидӣ | Кормандони муассисаҳои ислоҳӣ ва ташкилотҳои ҷамъиятӣ ба омӯзиш фаро гирифта шуданд | 2026-2030 | 7646 | 10704 | 13762 | 16820 | 19878 | 145265 | 142206 | 139148 | 136090 | 133032 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ, шарикон оид ба рушд |
| 14 | Гузаронидани назорати дидбонии эпидемиологӣ дар байни маҳкумшудагон | Баҳодиҳии паҳншавии ВНМО, ГВС ва оташак дар байни маҳкумшудагон гузаронида шудааст | 2027 | 0 | 33767 | 0 | 0 | 0 | 0 | 135069 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ, шарикон оид ба рушд |

| | | | | | | | | | | | | | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| 15 | Гузаронидани чорабиниҳои пешгирикунанда дар байни муҳоҷирони меҳнатӣ ҳам дар дохил ва ҳам дар беруни ҷумҳурӣ, аз ҷумла тақсимоти маводи таълимию маърифатӣ ва рифола, бо ҷалби ташкилоти ҷамъиятӣ дар ноҳияҳои сатҳи баланди паҳншавии вируси норасоии масунияти одам | Чорабиниҳои пешгири-кунанда дар байни муҳоҷиро-ни меҳнатӣ ҳам дар дохил ва ҳам дар беруни ҷумҳурӣ гузаронида шудаст | 2026-2030 | 42300 | 59220 | 101520 | 124080 | 146640 | 803700 | 786780 | 1026480 | 1003920 | 981360 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон, шарикон оид ба рушд |
| 16 | Омӯзиши мунтазами шахсоне, ки тавассути нақлиёти заминӣ ва ҳавоӣ аз кишвар мераванд, оид ба вируси норасоии масунияти одам, намоиши видеороликҳо тавассути мониторҳо дар фурудгоҳҳо, истгоҳҳои роҳи оҳан ва автовокзалҳо, инчунин дар дохили нақлиёт, агентиҳои фурӯши авиачиптаҳо, тақсимоти маводи таълимию маърифатӣ, ҷалби операторҳои мобилӣ | Шахсоне, ки тавассути нақлиёти заминӣ ва ҳавоӣ аз кишвар мераванд, аз ташхиси вируси норасоии масунияти одам мунтазам гузаро-нида мешаванд | 2026-2030 | 14948 | 20927 | 26906 | 32884 | 38863 | 284003 | 278024 | 272045 | 266066 | 260088 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вазорати нақлиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон |
| 17 | Дастгирии фаъолияти 6 клиникаи сайёр ва 11 гурӯҳи мобилӣ барои гузаронидани чорабиниҳои иттилоотӣ, ташхис ва машварат оид ба масъалаҳои ВНМО, гепатитҳои вирусӣ ва оташак дар байни муҳоҷирони меҳнатӣ ва аъзоёни оилаҳои онҳо | Фаъолияти 6 дармонгоҳи сайёр ва 11 гурӯҳи мобилӣ таъмин карда шуданд | 2026-2030 | 190538 | 266753 | 342969 | 419184 | 495399 | 3620224 | 3544009 | 3467794 | 3391578 | 3315363 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон, шарикон оид ба рушд |

| | | | | | | | | | | | | | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| 18 | Вусъат додани фаъолият оид ба масъалаҳои солимии муҳоҷирон, аз ҷумла чорабиниҳои пешгирикунанда, ташхис ва табобати сирояти ВНМО дар кишварҳои қабулкунандаи муҳоҷирони корӣ аз Ҷумҳурии Тоҷикистон, инчунин, дастрас намудани доруворихои зиддиретровирусӣ | Фаъолият дар самти солимии муҳоҷирон вобаста ба масъалаҳои ВНМО вусъат бахшида шудааст | 2026-2030 | 40352 | 67840 | 101734 | 142078 | 188984 | 766690 | 901308 | 1028648 | 1149539 | 1264738 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Шарикон оид ба рушд |
| 19 | Омӯзиши мунтазами кормандони ташкилотҳои ҷамъиятӣ ва муассисаҳои тиббӣ оид ба алгоритмҳои машварати муҳоҷирон, ҷорӣ намудани маълумот оид ба пешгирии ВНМО ҳангоми муҳоҷират ба барномаҳои таълимӣ дар мактабҳо | Кормандони ташкилотҳои ҷамъиятӣ ва муассисаҳои тиббӣ омӯзонида шудаанд ва ба барномаҳои таълимӣ дар мактабҳо ворид карда шудааст | 2026-2030 | 6371 | 8920 | 11468 | 14017 | 16565 | 121054 | 118505 | 115957 | 113408 | 110860 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон, шарикон оид ба рушд |
| 20 | Мунтазам ташкил ва гузаронидани конфронсҳо бо иштироки коршиносони байналмилалӣ оид ба ташхис, табобат ва машварат вобаста ба масъалаҳои ВНМО, гепатитҳои вирусӣ ва оташак дар байни муҳоҷирон | Конфронсҳо бо иштироки байналмилалӣ ташкил ва гузаронида шуданд | 2026-2029 | 40674 | 0 | 0 | 40674 | 0 | 162696 | 0 | 0 | 162696 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон, шарикон оид ба рушд |

| | | | | | | | | | | | | | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| 21 | Гузаронидани назорати дидбонии эпидемиологӣ дар байни муҳоҷирони меҳнатӣ | Баҳодиҳии паҳншавии ВНМО, ГВС ва оташак дар байни муҳоҷиро-ни меҳнатӣ гузаронида шудааст | 2027 | 0 | 67535 | 0 | 0 | 0 | 0 | 270138 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон, шарикон оид ба рушд |
| 22 | Вусъат ва соддакунии хизматрасониҳо оид ба пешгирии пеш аз тамос (ППТ) тибқи тавсияҳои охирини СУТ дар байни гурӯҳҳои калидӣ ва осебпазир ва шарикони шахсони бо ВНМО зиндагикунанда, таҳия/азнавкунӣ ва нашри маводҳои таълимию иттилоотӣ оид ба ППТ, таҳияи модули омӯзишӣ оид ба ППТ барои табибони оилавӣ, баргузории чорабиниҳои иттилоотӣ оид ба пешбурди ППТ | Зиёд намудани фарогирӣ дар байни мизоҷони эҳтимолӣ оид ба ППТ ва инчунин фарогирӣ бо ППТ зиёд карда шуда, модул таҳия шудаст | 2026-2030 | 12743 | 17840 | 22937 | 28033 | 33130 | 242107 | 237010 | 231913 | 226817 | 221720 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон, шарикон оид ба рушд |
| 23 | Гузаронидани баҳодиҳии каскади хизматрасониҳо оид ба ВНМО дар байни мардони дорои хатари баланди сироятёбӣ, иштироки намояндагони Ҷумҳурии Тоҷикистон дар 3-юм машварати минтақавӣ оид ба ППТ, омӯзонидани шарикон барои таҳияи стратегия оид ба пешбурди ППТ | Тавсияҳо оид ба зиёд намудани фарогирӣ бо хизматрасониҳо таҳия шудааст | 2026 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 45000 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон, шарикон оид ба рушд |

| | | | | | | | | | | | | | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| 24 | Гузаронидани чорабиниҳои омӯзишӣ дар байни кормандони соҳаи тиб, кормандони нуктаҳои боварӣ ва ҳуҷраҳои дӯстона, шабакаҳои ТҶО, муассисаҳои ислоҳӣ, ташкилотҳои ҷамъиятӣ ва гурӯҳҳои калидии аҳолӣ оид ба истифодаи пешгирии пеш ва баъдитамоси ВНМО | Кормандони соҳаи тиб, кормандони пунктҳои боварӣ ва ҳуҷраҳои дӯстона, шабакаҳои ТҶО, муассисаҳои ислоҳӣ, ташкилотҳои ҷамъиятӣ омӯзонида шуданд | 2026-2030 | 3186 | 4460 | 5734 | 7008 | 8283 | 60527 | 59253 | 57978 | 56704 | 55430 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, шарикон оид ба рушд |
| 25 | Гузаронидани баҳодиҳӣ оид ба қаноатмандӣ аз сифати хизматрасониҳо доир ба ППТ, расонидани кумаки техникӣ доир ба ворид намудани ҷузъи ППТ тавассути иштирок дар тренингҳо, вохӯриҳо ва сафарҳо ба кишвар | Тавсияҳо оид ба бартараф намудани монеаҳо таҳия шудааст | 2026 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 128000 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон, шарикон оид ба рушд |
| 26 | Таҳияи алгоритм ва ҷори намудани ППТ тавассути почта/курер дар заминаи платформаи мавҷуда hivtest.tj ва дигар манбаҳои онлайн | Фарогирии гурӯҳҳои калидӣ ба ППТ зиёд шудааст | 2026-2027 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 50000 | 50000 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон, шарикон оид ба рушд |
| 27 | Тағйир додани базаи маълумотҳо оид ба ППТ, ҳамгироикунӣ ба базаи миллии пешгирии ВНМО | Кумаки техникӣ барои такмили базаи маълумот-ҳо расоинда шуд, ҳисоботдиҳӣ дар база, мутахас-сисон омода карда шуданд | 2026 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 30000 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон, шарикон оид ба рушд |

| | | | | | | | | | | | | | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| 28 | Ба нақшаи таълимии муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ ва олӣ ворид намудани масъалаҳои пешгирии вируси норасоии масуният одам ва дар ин замина вусъат бахшидани баргузории соатҳои таълимӣ оид ба ин масъала | Дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ, инчунин ба нақшаи таълимии муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ ва олӣ соатҳои алоҳида ворид карда шуда, маълумотнокии муҳасилин баланд гардид | 2026-2030 | 450060 | 450060 | 450060 | 450060 | 450060 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон |
| 29 | Ба барномаҳои соҳавии вазорату идораҳои дахлдор ворид намудани масъалаҳои баланд бардоштани сатҳи дониш оид ба ВНМО дар байни гурӯҳҳои гуногуни аҳолӣ (ҷавонон, муҳоҷирон, коргарон ва корфармоён, духтарон ва занон, аҳолии умумӣ ва ғ.) бо ҷудо намудани маблағҳои буҷетии дахлдор | Масъалаҳои баланд бардоштани сатҳи дониш оид ба ВНМО дар барномаҳои соҳавии вазорату идораҳои дахлдор бо назардошти маблағгузорӣ ворид карда шуданд | 2026 | 32235 | 0 | 0 | 0 | 0 | 128940 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | Кумитаи кор бо ҷавонон ва варзиш, Кумитаи кор бо занон ва оила, Кумитаи дин ва танзими ҷашну маросим, Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолӣ, Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон |

| | | | | | | | | | | | | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| 30 | Ташаккули гурӯҳҳои ихтиёриён дар ҳар як муассисаи таълимӣ барои огоҳонидани хонандагон ва донишҷӯён оид ба масъалаҳои вируси норасоии масунияти одам | Дар муассисаҳои таълимӣ гурӯҳҳои ихтиёриён ташаккул дода шуданд | 2026-2030 | 38228 | 38228 | 38228 | 38227 | 38227 | 38227 | 38227 | 38227 | 38228 | 38228 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон, Кумитаи кор бо ҷавонон ва варзиши назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон |
| 31 | Мунтазам гузаронидани тадқиқотҳо вобаста ба арзёбии сатҳи дониш дар байни хонандагони муассисаи таҳсилоти миёнаи умумӣ, миёнаи махсус ва олӣ оид ба вируси норасоии масунияти одам ва муносибати таҳаммулпазирӣ нисбати гирифторони вируси норасоии масунияти одам | Дар байни хонандагони муассисаи таҳсилоти миёнаи умумӣ, миёнаи махсус ва олӣ тадқиқотҳо вобаста ба арзёбии сатҳи дониш гузаронида шудаанд | 2027-2030 | 0 | 49170 | 0 | 0 | 49170 | 0 | 49170 | 0 | 0 | 49170 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон, шарикон оид ба рушд |
| 32 | Гузаронидани тадқиқот вобаста ба дониш, муносибат ва таҷриба оид ба масъалаҳои пешгирии вируси норасоии масунияти одам дар байни шахсони 15-49-сола | Дар байни шахсони 15-49-сола тадқиқот гузаронида шудааст | 2028 | 0 | 0 | 31020 | 0 | 0 | 0 | 0 | 279180 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон, шарикон оид ба рушд |

| | | | | | | | | | | | | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| 33 | Ташкил ва гузаронидани чорабиниҳои маърифатӣ дар байни ҷавонони муташаккил ва ғайримуташаккил оид ба масъалаҳои вируси норасоии масунияти одам бо тарғиби ташхиси ВНМО, паст кардани табъиз ва тамғагузорӣ | Чорабиниҳои маърифатӣ дар байни ҷавонони муташаккил ва ғайримуташаккил гузаронида шудаст | 2026-2030 | 65040 | 65040 | 65040 | 65040 | 65040 | 260160 | 260160 | 260160 | 260160 | 260160 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | Кумитаи кор бо ҷавонон ва варзиши назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон, мақомотҳои иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ |
| 34 | Мунтазам гузаронидани чорабиниҳои иттилоотию маърифатӣ дар байни духтарон, занон ва хонаводаҳо оид ба пешгирии вируси норасоии масунияти одам, бемориҳои сироятии ҷинсӣ, зарурати ташхиси вируси норасоии масунияти одам, хусусан дар байни занони синну соли репродуктивӣ ва занҳои фаъол дар сатҳи ҷомеа | Чорабиниҳои маълумотию маърифатӣ дар байни духтарон ва занон гузаронида шудааст | 2026-2030 | 232050 | 232050 | 232050 | 232050 | 232050 | 928200 | 928200 | 928200 | 928200 | 928200 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Кумитаи кор бо занон ва оилаи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон |
| 35 | Дастгирии чорабиниҳо оид ба пешгирии зӯроварӣ нисбат ба занон ва гурӯҳҳои калидии аҳолӣ ва расонидани кӯмак ба ҷабрдидагони зӯроварӣ тавассути пешниҳоди маълумот дар бораи хизматрасониҳои мавҷуда. | Чорабиниҳо оид ба пешгирии зӯроварӣ ва "телефонҳои боварӣ" дастгирӣ шуданд | 2026-2030 | 91056 | 91056 | 91056 | 91056 | 91056 | 364224 | 364224 | 364224 | 364224 | 364224 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | Кумитаи кор бо занон ва оилаи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон |

| | | | | | | | | | | | | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| 36 | Таҳияи механизм ва таъмини ташхиси ВНМО ва пешниҳоди маҷмӯаҳои пешгирии баъди тамос ба ҷабрдидагони зӯроварӣ дар ҷойҳои расонандаи хизматрасонӣ ба онҳо, аз ҷумла дастраснамоии тестҳои худтестӣ | Механизм ва таъмини ташхиси ВНМО ва пешниҳоди маҷмӯаҳои пешгирии баъди тамос таҳия шудаст | 2026 | 12616 | 0 | 0 | 0 | 0 | 50466 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон, шарикон оид ба рушд |
| 37 | Таҳия ва нашри стратегияи иттилоотию коммуникатсионӣ ва адвокатӣ, инчунин дастури амалӣ оид ба тарзи дурусти инъикос намудани мавзӯи сирояти вируси норасоии масунияти одам барои намояндагони воситаҳои ахбори омма | Барои намояндагони воситаҳои ахбори омма стратегияи иттилоотию коммуникатсионӣ ва адвокатӣ таҳия ва нашр шудаст | 2027 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 63082 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | Кумитаи телевизион ва радиои назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон |
| 38 | Пешниҳоди маълумоти ройгон оид ба вируси норасоии масунияти одам, кам кардани табъиз ва тамғагузорӣ нисбати шахсони бо вируси норасоии масунияти одам зиндагикунанда тавассути воситаҳои ахбори омма (таҳияи видеоҳои иҷтимоӣ, филмҳо, барномаҳо, ҷудо кардани вақти эфирӣ ва ғайра) | Тавассути воситаҳои ахбори омма мунтазам маълумотҳои ройгон пешниҳод гардиданд | 2026-2030 | 112167 | 112166 | 112166 | 112166 | 112166 | 448664 | 448665 | 448665 | 448665 | 448665 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | Кумитаи телевизион ва радиои назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон |

| | | | | | | | | | | | | | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| 39 | Гузаронидани тренингҳо дар сатҳи миллӣ ва минтақавӣ барои рӯзноманигорон оид ба инъикоси дурусти мавзӯи сирояти вируси норасоии масунияти одам дар воситаҳои ахбори омма | Дар сатҳи миллӣ ва минтақавӣ барои рӯзноманигорон тренингҳо гузаронида шуданд | 2026-2030 | 6372 | 6371 | 6371 | 6371 | 6371 | 57340 | 57341 | 57341 | 57341 | 57341 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | Кумитаи телевизион ва радиои назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон, шарикон оид ба рушд |
